# БУВАД ПОЯНДА ИСТИҚЛОЛ БО АЗМИ ҶАВОНОН!

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС



НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 12-13 (66-67) 27-УМИ СЕНТЯБРИ СОЛИ 2017, ЧОРШАНБЕ




Истиқлолияти давлатӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бисту шаш сол муқаддам ба он соҳиб гардид, дар таърихи халқи тоҷик нодиртарин падидаи сиёсиву сарнавиштсоз мебошад. Ин рӯз, барҳақ, оғози давраи комилан нав дар таърихи давлатдории тоҷикон, марҳалаи тоза дар ташаккули тафаккур ва фалсафаи давлатдорӣ маҳсуб мешавад.

Мо дар оғози даврони соҳибистиқлолӣ бо такя ба ҳастии таърихӣ, ақлу хирад ва иродаи қавии халқи худ тавонистем, ки оташи ҷанги дохилии таҳмилиро фурӯ нишонда, парчами озодиву адолатро ба хотири ҳифзи асолату арзишҳои миллӣ ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмии халқамон устувор гардонем. Яъне таърих баъд аз чанд садсола бори дигар ба миллати соҳибтамаддуни мо имконияти эҳё намудани суннатҳои аҷдодии давлатдориро фароҳам оварда дар харитаи сиёсии ҷаҳон номи давлати мустақилу соҳибихтиёри тоҷиконро сабт намуд.

Омили муҳимми пойдории истиқлолияти ҳар як давлат рушди илму маориф, бахусус, илмҳои дақиқ, татбиқи дастовардҳои технологиву инноватсионӣ ва навовариву ихтироъкорӣ аст.

Истиқлолият ва озодӣ дар сарнавишти миллати тоҷик гардиши куллӣ ба вуҷуд овард ва оғози марҳалаи сифатан нави таърихӣ гардид. Марҳалаи нав дар назди мардуми Тоҷикистон иҷрои вазифаи бисёр пурмасъулияти таърихӣ, яъне бунёди давлати мутамаддини ҷавобгӯ ба манфиатҳои халқу кишвар ва эҳёи аркони давлатдории муосирро ба миён гузошт.

Ҳоло бо ифтихору сарфарозӣ изҳор медорем, ки ҳамаи корҳои азими созандагиро, ки то имрӯз дар кишвари маҳбубамон амалӣ намудем, ба номи мубораку муқаддаси истиқлолият анҷом додем. Зеро истиқлолият барои мо рамзи пойдории давлат, ҳастии миллат ва шарафу эътибори Тоҷикистони азизамон мебошад.

Истиқлолият тантанаи хирад ва андешаи миллати солору куҳанбунёди тоҷик, оғози марҳалаи навини давлатдории миллӣ, омили иттиҳоду сарҷамъии мардуми фидокору ватандӯсти мо, василаи муҳимтарини ҳифзи асолату ҳувияти миллӣ ва муҳимтар аз ҳама, нишонаи возеҳи ҳастии миллат ба шумор меравад.

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

## Дар ин шумора:

ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА ЭҲЁИ ҚОНУНГУЗОРИИ МИЛЛӢ Саҳ. 2

ВОХӮРИИ ДОНИШҶӮЁН БО СУДЯҲОИ СУДИ НОҲИЯИ СИНО Саҳ. 3

КОДЕКСИ СОҲИБКОРӢ – МОНЕАИ ҶИДДӢ БАРОИ ИНКИШОФИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ Саҳ. 4

ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ВА ТААССУБГАРОӢ Саҳ. 10-11

МАСУНИЯТИ ДИПЛОМАТӢ АЗ ДИДГОҲИ ТАМАДДУНИ ШАРҚӢ Саҳ. 13

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

Муассис:
факултети
ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

Сармуҳаррир:
Ҷаҳонгир
САЪДИЗОДА
jahon_1967@mail.ru

Муовини сармуҳаррир:
Исмоил ШАРИФЗОДА
Муҳаррир:
Бобоҷон НАИМЗОДА
Тарроҳ:
Акмал ШАРИПОВ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Раҳмон Д.С.
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
Сафарзода Б.А.
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
Маҳмудов И.Т.
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
Абдуллоев П.С.
муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
Камолзода И. И.
дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ;
Сулаймонов Ф. С.
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Ватанзода М. М.
ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ;
Саид Нуриддин Саид
вазири маориф ва илми ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ;
Имомзода М. С.
ректори ДМТ, академики АИ ҶТ;
Тоҳиров Ф. Т.
академики АИ ҶТ,
Маҳмудзода М. А.
раиси Суди Конститутсионии ҶТ, академики АИ ҶТ;
Раҳимзода М.З.
директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ, узви вобастаи АИ ҶТ;
Диноршоев М.
академики АИ ҶТ,
Насриддинзода Э. С.
профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АИ ҶТ;

ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳама андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш.Душанбе Буни Ҳисорак, Шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: 985-38-38-67, 900-55-51-67. Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
Исмоил Шарифзода

# ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА ЭҲЁИ ҚОНУНГУЗОРИИ МИЛЛӢ





Санаи 5-уми сентябри 2017 сол дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ мизи мудаввари ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Истиқлолият – заминаи эҳёи қонунгузории миллӣ» бахшида ба 26-умин солгарди таҷлили ҷашни Истиқлолияти давлатӣ бо иштироки доираи васеи омӯзгорону аспирантон, олимон, намояндагони васоити ахбори омма ва матбуоти даврӣ баргузор гардид. Ҷаласаро бо сухани ифтитоҳӣ декани факултети ҳуқуқшиносӣ номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Раҳмон Д.С. ҳусни оғоз бахшида, ба ҳозирин дар хусуси зарурат ва аҳамияти баргузории мизи мудаввар гузориш доданд. Аз ҷумла мавсуф иброз намуданд, ки Истиқлолияти давлатӣ яке аз ҷашнвораҳои арзишмандтарин ба ҳисоб рафта, имрӯз ба рамзи ягонагии миллати тоҷик, баҳамоии қишрҳои гуногуни ҷомеа, марҳилаи нави эъмори давлати миллии тоҷикон бо номи Ҷумҳурии Тоҷикистон, сулҳу субот, оромию осудагӣ ва ба саҳифаи нав дар таърих табдил ёфтааст. Бо пойдории Истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон асосҳои сохтори конститутсионӣ, вазъи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон, асосҳои конститутсионии ташкил ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ такмил ёфта, сатҳу сифати зиндагии мардум рӯз аз рӯз беҳтар гашта истодааст. Сипас, аз рӯйи барномаи мизи мудаввар маърӯзаҳои устодону аспирантони факултет Гадоев Б.С. номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ дар мавзӯи «Соҳибихтиёрии ҶТ – дастоварди бузурги халқи Тоҷикистон»; Қодиров Д.С. номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии воситаҳои мухаддир дар даврони истиқлолияти давлатӣ»; Соибов З.М. ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ дар мавзӯи «Шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти маркази ҳокимияти иҷроия дар Тоҷикистон»; Ғанизода У.Ғ. ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва



назорати прокурорӣ дар мавзӯи «Нақши адвокатҳо дар марҳилаи кунунии инкишофи ҷомеа: мушкилот ва вазифаҳо»; Қурбонзода Б. аспиранти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар мавзӯи «Терроризм ва экстремизм – зуҳуроти хатаровар ба истиқлолияти давлатӣ» шунида шуданд.

Баромадкунандагон мазмуну моҳияти маърӯзаҳои хешро шарҳ дода, таҳқиқу омӯзиши минбаъдаи онро асоснок намуданд. Оид ба маърӯзаҳои қироатшуда саволу ҷавоб ва музокираҳо сурат гирифтанд. Аз ҷумла, дар робита ба масъалаҳои баррасишуда иштирокчиён баромад намуда, таклифу андешаҳои судманд пешниҳод намуданд. Мавриди зикри хос аст, ки аксарияти иштирокчиёни мизи мудаввар фурсати муносибро истифода намуда, андешаи назари хешро оид ба паҳлуҳои мухталифи масъалаҳои баррасишуда баён доштанд. Дар маҷмӯъ таъкид карда шуд, ки таҳкими Истиқлолияти давлатӣ аз муттаҳидӣ, якдиливу якпорчагии Тоҷикистон маншаъ гирифта, нақши ин рӯйдоди таърихӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятии мо муҳим ва бузург мебошад. Аз ин рӯ, тамоми шаҳрвандони Тоҷикистон бояд ин неъмати муқаддасро ҳамчун гавҳараки чашм эмин нигоҳ доранд.

# НАМОЯНДАГОНИ ДОНИШГОҲИ ТАРТУ ДАР ФАКУЛТЕТ

Санаи 16-уми сентябри соли 2017 дар факултети ҳуқуқшиносӣ мулоқоти намояндагони донишгоҳи Тартуи Эстония профессор Раул Иаметс, Олга Богданова ва профессори академияи дипломатии Шаҳри Вена Маркус Корнпробст бо донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ ва факултети муносибатҳои байналхалқӣ баргузор гардид. Дар воҳӯрӣ омӯзгорони факултетҳои номбурда, намояндагони ҷамъияти дӯстии Тоҷикистону Олмон ва магистрантони таҳсилоти аврупоӣ ширкат намуданд.

Профессор Раул Иаметс бо ҳозирин дар масъалаи иқтисодиёти Иттиҳоди Аврупо суҳбат намуд. Дар рафти суҳбати худ ӯ роҳҳои асосии тақсимоти захираҳои иқтисодии ИАро ба кишварҳои узв мавриди баррасӣ қарор дод. Боиси тазаккур аст, ки донишҷӯёну магистрантон фаъолона бо забони англисӣ дар мавзӯи мазкур бо меҳмон суҳбат оростанд.

Сипас профессор Маркус Корнпробст дар мавзӯи муносибатҳои байналхалқӣ ва масъалаҳои фалсафии он аз нигоҳи И.Кант маърӯза



намуд. Инчунин ҷаноби Корнпробст ба донишҷӯёну магистрантон барномаҳои таҳсилоти грантиро дар назди Академияи дипломатии Вена шарҳ дод.

Дар маҷмӯъ иштирокчиёни ҷамъомад аз мулоқоти мазкур таассуроти нек бардошта, ҳавасмандии худро оид ба пайваста доир намудани чунин воҳӯриҳо иброз намуданд. Аз ҷумла меҳмонон ба савияи дониш ва забондонии донишҷӯёни тоҷик аҳсан хонда, андешаҳои худро бобати таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судманди тарафайн дар оянда иброз доштанд.

**Масъули саҳифа**
**Эмомалӣ МИРАЛӢ**

# ШАРҲУ ТАВЗЕҲ ВА ТАБЛИҒИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶТ «ДАР БОРАИ ТАНЗИМИ АНЪАНА ВА ҶАШНУ МАРОСИМҲО ДАР ҶТ» АЗ ҶОНИБИ УСТОДОНИ ДОНИШГОҲ

Бо супориши Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ устодони ДМТ, аз ҷумла Имомзода М.С. ректори ДМТ, доктори илмҳои филологӣ, профессор, Академики АИ ҶТ (роҳбари гурӯҳ); Раҳмон Д.С. номзади имлҳои ҳуқуқ, дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ; Зайниддинов М.К. номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва адабиёти навини форсӣ-тоҷикии факултети филологияи ДМТ; Азимов А.Х. доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи ДМТ; Қудусов Х.С. номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, дотсенти кафедраи равандҳои сиёсии Тоҷикистони факултети фалсафаи ДМТ (аъзоёни гурӯҳ) аз санаи 11 то 16-уми сентябри соли равон ба шаҳри Исфараи вилояти Суғд бобати шарҳу тавзеҳи тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо» сафар намуданд.

Устодони донишгоҳ дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳот, корхонаю муассисаҳо ва қисмҳои низомии шаҳри Исфара корҳои фаҳмондадиҳӣ ва ташвиқи тамоми бандҳои тағйиру иловаҳо ба қонуни мазкурро анҷом доданд.

Ҳангоми вохӯриҳо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бобати қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар ҶТ», аҳамияти қонуни мазкур, нақши он дар рушди оянадаи ҷомеа, ҷанбаҳои иҷтимоию сиёсии қонуни танзим, риояи талаботи қонуни танзим ва моҳияти тағйиру иловаҳо ба он тавзеҳ дода шуд.

Устодони ДМТ дар бораи нуктаҳои асосии тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар ҶТ", нақши он дар камхарҷу сарфаҷӯёна баргузор намудани маъракаҳо, дар беҳдошти вазъияти иқтисодию иҷтимоии мардуми мамлакат маърӯзаҳо намуданд.

Устодони ДМТ, зимни маърӯзаҳо ҳар як тағйиру иловаҳое, ки ба Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар ҶТ» ворид гардидаанд, шарҳу тавзеҳоти муфассал доданд. Аз ҷумла, таъкид карда шуд, ки қабули қонуни мазкур яке аз муҳимтарин иқдомҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи таҳким ва эҳёи фарҳанги миллӣ мебошад. Ҳамзамон татбиқи Қонун боиси коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ, покзосии афкори мардум аз хурофот, беҳбудии зиндагии иҷтимоии аҳолӣ ва тақвияти субботу амнияти миллии кишвар ба ҳисоб меравад.

Тавре устодони факултет иттилоъ доданд: «Роҳбарияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Исфара бо эҳтиром ва самимияти баланд муносибат намуда, тамоми имконият ва шароитро бахри дар фазои мусоид баргузор шудани корҳои таблиғотию фаҳмондадиҳӣ фароҳам оварданд. Вохӯриҳо ҳар рӯз чор маротиба дар минтақаҳои алоҳидаи шаҳр сурат гирифта, иштирокдорон ҳудуди 200 то 400 нафарро ташкил медоданд».

Баъди анҷоми суханрониҳо фикру андешаҳои мардуми Исфара низ оид ба нуктаҳои асосии тағйиру иловаҳо ба Қонуни мазкур шунида шуда, музокира ва табодули афкори судманди иштирокчиён сурат гирифт. Аз ҷумла сокинони шаҳр бобати риояи қонуни мазкур ва иҷрои ҳамаи дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон андешаҳои хешро баён доштанд.

Дар маҷмӯъ, тибқи мушоҳидаҳои чандрӯза маълум гардид, ки тамоми қишрҳои аҳолӣ ба ташаббусҳои созандаи Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳаматарафа арҷгузорӣ намуда, саҳми ватандории худро дар ободонии кишвар ба хубӣ дарк намудаанд ва риояи қонунгузорӣ, эҳсоси худшиносӣ, ватандӯстӣ ва тарбияи наврасон дар рӯҳияи эҳтироми арзишҳои миллӣ ба одати ҳамешагии онҳо табдил ёфтааст.

# ВОХӮРИИ ДОНИШҶӮЁН БО СУДЯҲОИ СУДИ НОҲИЯИ СИНО



Санаи 16-уми сентябри соли 2017 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ вохӯрии устодону донишҷӯён бо судяҳои суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе баргузор гардид. Дар вохӯрӣ муовини якуми раиси суди ноҳияи Сино Одиназода Мирзо Ҷалил, судяҳои суди ноҳияи Сино Назарзода Нигора, Раҳимзода Раҳмиддин, Абдуллоев Аҳмадҷон, Амирзода Тоҷиддин иштирок карда, тағйиру иловаҳо ба Қонунҳои ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар ҶТ», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ»-ро шарҳу тавзеҳ доданд.

Вохӯрӣ бо сухани муқаддимавии декани факултет номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. оғоз ёфт. Мавсуф зимни суханронии хеш афзуд, ки мақсад аз ташкил ва гузаронидани чунин вохӯриҳо, пеш аз ҳама дар амал татбиқ намудани мақсаду маром ва ҳадафҳои наҷибона ва созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ташаббуси эшон ҷиҳати ворид намудани тағйиру илова ба қонунҳои зикршуда мебошад. "Чунин ҷамъомадҳо имкон фароҳам меоранд, ки арзишҳои миллӣ ташвиқ гарданд ва ҳама гуна ҳуқуқвайронкуниҳо миёни донишҷӯён пешгирӣ карда шаванд" – қайд намуд дотсент Раҳмон Д.С.

Меҳмонон низ ҷамъомади мазкурро нек арзёбӣ намуда, аз садорати факултет бобати ташкили чунин вохӯрӣ изҳори сипос карданд. Аз ҷумла муовини якуми раиси суди ноҳияи Синои шаҳри Душанбе Одиназода М.Ҷ. нуктаҳои асосии тағйиру иловаҳо ба қонунҳои зикршударо тавзеҳ дода, аз донишҷӯён даъват ба амал овард, ки бечуну чаро аз пайи иҷрои онҳо бошанд. Зеро надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад. "Риояи Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар ҶТ» вазифаи ҳар як шаҳрванди кишвар, пеш аз ҳама худи мо ҳуқуқшиносон аст. Дар сурати риояи қонунҳои мазкур мо метавонем арзишҳои фарҳангии худро, ки бо як талошу ҷонбозиҳо ба даст омадаанд, пос дошта, барои ҷойгир кардани ин арзишҳо дар тафаккури насли оянда саҳмгузор бошем. Дар натиҷаи риояи қонуни мазкур исрофкорию худнамоишдиҳӣ дар ҷомеа кам гардида, шароити зиндагии мардум боло рафта, амнияти озуқаворӣ дар мамлакат таъмин мегардад" – афзуд Одиназода М.Ҷ.





Судяҳои суди ноҳияи Сино Назарзода Н., Раҳимзода Р., Абдуллоев А., Амирзода Т. тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ "Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ"-ро тавзеҳ дода, масъалаи бо автомашинаҳои шахсӣ ба дарс омадани донишҷӯёнро яке аз мушкилиҳои доғи рӯз унвон карданд. Бинобар ин, ташаббуси Пешвои миллат бобати манъ намудани бо автомашинаҳои шахсӣ ба дарс омадани донишҷӯён саривақтӣ арзёбӣ гардид. Аз ҷумла қайд гардид, ки мувофиқи тағйиру иловаҳо дар сурати риоя накардани талаботи мазкур донишҷӯён аз донишгоҳ хориҷ шуда, ҳуқуқи барқарор шудан ва идомаи таҳсилро дар муассисаҳои таълимӣ ба муҳлати се сол аз даст медиҳанд. Бинобар ин, аз донишҷӯён даъват ба амал оварда шуд, ки аз истифодаи автомашинаи шахсӣ ҳангоми ба дарс омадан худдорӣ намоянд.



Дар маҷмӯъ кулли иштирокчиён аз нишасти мазкур таассуроти нек бардошта, баргузории пайвастаи чунин вохӯриҳоро таъкид намуданд. Донишҷӯён низ ҷонибдории худро аз сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз дошта, ваъда доданд, ки риояи қонунгузорӣ ва дастуру супоришҳои Роҳбари давлатро сармашқи кори худ қарор медиҳанд.

**Масъули саҳифа**
**Қурбоналӣ ҚУРБОНЗОДА,**
**мудири кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ**



Шукрулло ҒАЮРОВ
мудири кафедраи ҳуқуқи граждани, профессор

**Яке аз ҳадафҳои асосии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди эъмори давлати соҳибистиқлол ва демократӣ ин таҳкими низоми ҳуқуқии миллӣ мебошад. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳои худ борҳо оид ба таҳкими конуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи амалишавии ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд сухан ронда, бахри ноил шудан ба ин ҳадафҳо ба шахсони мансабдор ва мақомоти дахлдор дастуру супоришҳои мушаххас медиҳанд.**



Фирӯз СУЛАЙМОНОВ
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ

# КОДЕКСИ СОҲИБКОРӢ – МОНЕАИ ҶИДДӢ БАРОИ ИНКИШОФИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ




Дар Паёми худ, санаи 22-юми декабри соли 2016 Президенти ҶТ, Ҷаноби олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи таҳияи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ-ро гузоштанд. Қобили зикр аст, ки бахри ноил шудан ба ин ҳадаф вазорату идораҳои вобасташуда, бо ҷалби муассисаҳои илмию таҳлилӣ дар ҳамбастагӣ фаъолият намуда, лоиҳаи онро омода намуданд.

Вобаста ба ин мехостем оид ба баъзе масъалаҳои лоиҳаи Консепсияи болозикр, ки ба ақидаи мо онҳо баҳснок мебошанд, фикру ақидаи худро баён намоем.

Дар банди 8-и лоиҳа омадааст, ки «ихтилофи байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, риояи нокифояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ, нуқсонҳо дар қонунгузорӣ, аз ҳад зиёд пешбинӣ намудани қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ дар матни қонунҳо, сатҳи нокифояи мураттабсозии қонунгузорӣ, шуури ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ба самаранокии сиёсати ҳуқуқӣ таъсири манфӣ мерасонанд». Дар алоқамандӣ ба ин, тибқи банди 10-и лоиҳа «мақсади Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ таҳкими минбаъдаи ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи манфиатҳои давлату миллат ва соҳибихтиёрии ҶТ, таъмини асосҳои ҳуқуқии ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ, рушди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, инкишофи низоми ҳуқуқии миллӣ ва танзими самаранокии муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад».

Дар банди 79-уми параграфи 9-и лоиҳа «конститутсияи иқтисодӣ» будани Кодекси граждании ҶТ ё нақши «конститутсияи иқтисодӣ»-ро иҷро кардани он эътироф шудааст. Дар он чунин баён шудааст, ки кодекси мазкур дар низоми танзими ҳуқуқи хусусӣ нақши марказӣ дорад. Танзими муносибатҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкии ба худмухторӣ ва баробарӣ асосёфтаи иштирокчиёни онро, ин кодекс якранг ва мантиқан дуруст анҷом медиҳад. Ҳамзамон тибқи сархати 1-и банди 89-и параграфи 11-и лоиҳа «омӯзиши зарурат ва асоснокии таҳияи Кодекси соҳибкории ҶТ» пешбинӣ карда шудааст.

Қобили тазаккур аст, ки чунин «пешниҳод» нав набуда, пештар низ вобаста ба қабул намудани чунин санади меъёрии ҳуқуқии махсус дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ақидаҳо иброз шуда буданд. Аммо, бояд қайд намуд, ки чунин масъалагузорӣ баҳснок буда, барои низомнокии ҳуқуқӣ таъсири манфӣ мерасонад. Аз ҷумла,

- якум, харобиовари қабули Кодекси соҳибкорӣ дар он аст, ки тибқи он вазъи ҳуқуқии субъектони фаъолияти соҳибкорӣ аз низоми воҳид ва мантиқан солими қобилияти ҳуқуқдории ҳуқуқи граждан берун карда шуда, ба соҳибкор ҳуқуқ ва уҳдадориҳое гузошта мешаванд, ки хоси танзими ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи молия ва дигар соҳаҳои ҳуқуқи омма мебошанд. Пас, дар вазъи ҳуқуқии як субъект – соҳибкор духӯрагии танзими ҳуқуқии хусусӣ ба миён омада, бешак ихтилофоти гуногунеро ба миён меоварад;

- дуюм, сарчашмаи чунин «пешниҳодҳо» таҷрибаи дигар давлатҳо, аз қабили давлатҳои пешрафтаи Иттиҳоди Аврупо (Олмон ва Фаронса) ва баъзе аз давлатҳои Амрикои Лотинӣ мебошад. Аз нуқтаи назари аввал, таҷрибаи давлатҳои мутарақӣ дар соҳаи қонунгузорӣ бар нафъи кор мебошад, аммо як чиз набояд фаромӯш шавад, ки дар давлатҳои номбаршуда заминаҳои иқтисодӣ, таърихӣ ва сиёсии қабули Кодекси соҳибкорӣ (Кодекси савдоӣ) вуҷуд доштанд. Дар шароити муосир, чунин дуализми зароровари ҳуқуқи хусусӣ, ки дар давлатҳои мазкур вуҷуд доранд, бештар ба мухолифатҳои намояндаҳои илм ва кормандони таҷриба рӯ ба рӯ гардида, аллакай лоиҳаҳои дахлдор оид ба аз байн бурдани чунин дуализми беасос пешниҳод карда шудаанд;

- сеюм, барои пешрафти иқтисодиёти ҶТ, ки соҳибкор дар он яке аз субъектҳои муҳим эътироф карда мешавад, ба миён овардани мухолифатҳои гуногун дар муқаррар намудани вазъи ҳуқуқӣ ба манфиати кор ва устувории низоми ҳуқуқӣ нест. Зеро, дар замони ҳозира вазъи ҳуқуқии соҳибкор дар кишвар тибқи муқаррароти қонунгузории граждании ҶТ мавриди танзим карор гирифта, он дорои меъёрҳо ва муқаррароти гуногуне мебошад, ки ҳангоми ба таври дахлдор татбиқ намудани он вазъи ҳуқуқии соҳибкор дар кишвар боз ҳам ривоҷу равнақ хоҳад ёфт. Вобаста ба ин, хуб мешуд, ки ба ҷойи «пешниҳод»-ҳои заминаи илмӣ ва амалӣ надошта оид ба коркарди лоиҳаи Кодекси соҳибкорӣ, масъалаҳои дигари беҳдошти вазъи ҳуқуқии соҳибкорон дар ҶТ мавриди баррасӣ қарор дода шаванд. Аз ҷумла, ҷиҳати баланд бардоштани нақши Кодекси граждании ҶТ дар муқаррароти Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» (дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ кодекс аз қонунҳо дар мавқеи баландтар ҷой дода шавад, ки бахри танзими дахлдори муносибатҳои ҷамъиятӣ ва аз байн бурдани мухолифатҳои гуногун замина хоҳад гузошт) пешниҳод ироа мешуд, бо иси дастгирӣ буд. Ё ин ки яке аз масъалаҳои мубрами инкишофи муносибатҳои соҳибкорӣ, ин мухолифатҳои гуногун байни муқаррароти Кодекси гражданӣ ва қонунгузории андоз, аз ҷумла Кодекси андоз мебошад, ки ин масъалаҳо бояд мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шаванд.

Аз ин лиҳоз, дар замони муосир, ки Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ мавриди таҳия қарор гирифтаааст, пешниҳод вобаста ба коркарди Кодекси соҳибкорӣ дар ҶТ бояд аз он хориҷ карда шавад, зеро он бар нафъи соҳибкор набуда, монеаи ҷиддиро дар инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ ба миён оварда, заминаи ба вуҷуд омадани мухолифати гуногун байни муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ мегардад.

# ҚОНУНИ МИЛЛӢ – ИДОМАИ ИСЛОҲОТИ МАЪНАВӢ:
# ШАРҲИ БАЪЗЕ АЗ НУКТАҲОИ ОН

Ҳар як қонун ё санади дигари меъёрии ҳуқуқӣ бо тақозои замон ва ивазшавии шароити зиндагӣ эҳтиёҷ ба тағйиру иловаҳо пайдо мекунад. Чӣ қадар қонун устувор ва қатъӣ набошад вай бояд мутобиқ ба манфиати инсон, иттиҳоди одамон ва ниҳоят миллату давлат рушд кунад. Зеро қонуни зинда мутобиқ ба набзи ҳаёти ҷомеа такмил меёбад. Агар қонун ин сифатро нагирад вай аз ҳаёти мардум дур шуда, тадриҷан меъёрҳои он ба талаботи зиндагӣ бегона шуда, ба як воситаи монеаи рушди ҷомеа табдил меёбад. Ҳуқуқшиносони пешин беҳуда ҳукми “қонун догма (шахшудамонда) нест”-ро кашф накардаанд.

Таҷрибаи даҳсолаи амали Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар ҶТ» собит намуд, ки вобаста ба рушди ҷомеа ва ҳимояи манфиатҳои шаҳрвандон зарурати такмили он ба вуҷуд омадааст. Ин зарурат ба фикри мо ба ду омил вобаста аст. Якум, ин идомаи ислоҳоти маънавӣ ва иҷтимоии ҷомеа, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 10 сол муқаддам оғоз намуданд. Дуюм, ҳанӯз ҳам мавҷуд будани мушкилиҳо дар танзими ҳуқуқии баъзе аз маъракаю маросимҳои мардумӣ.

Таҷрибаи амали қонун ва вазъи баргузории ҷашну маъракаҳо собит кард, ки ҳанӯз ҳам миёни мардум дар баргузории ҷашну маросимҳо зиёдаравӣ ва ҳисси худнамоӣ, ки омили асосии вайрон гардидани талаботи Қонуни мазкур мегарданд, мушоҳида мешавад. Гарчанде мақсади Қонун нек буда, он баҳри баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва гирифтани пеши роҳи харҷу масрафҳои зиёдатӣ, ки ба манфиатҳои иқтисодӣ ва фазои маънавии шаҳрвандон зарари ҷиддӣ мерасонад, қабул гардидааст, то ҳол миёни шаҳрвандон роҷеъ ба дарки мақсади неки Қонуни мазкур ва моҳияти аслии маросиму маъракаҳо ва ҷашнҳои динӣ иллатҳо ҷой дорад.

Вобаста ба талаботи ҷомеа бо супориши Пешвои миллат фикру дархостҳои шаҳрвандони ҷумҳурӣ ва қишрҳои мухталифи аҳолӣ тавассути васоити ахбори омма гирифта шуд. Маълум шуд, ки аксари шаҳрвандони ҷумҳурӣ ҷонибдори такмил бахшидани воситаҳои ҳуқуқии таъсиррасонии ҷашну маъракаҳо буда, такмил додани тартиби баргузории ҷашну маросимҳоро хоҳонанд.

Қонуни ҶТ дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар ҶТ» дар маҷмӯъ аз 2 модда ва 13 қисм тағйироту иловаҳо иборат аст, ки дар он 9 тағйирот ва 11 илова ба 9 моддаи қонуни амалкунанда ворид шуд. Ҳоло меҳоҳем атрофи баъзе аз онҳо, ки ба ҳаёти мо ҷавонон алоқаи ногусастанӣ доранд, фикри хешро иброз намоем. Махсусан масъалаи хатнасури кӯдакон, ки дар оилаҳои ҷавон бештар баргузории он ба назар мерасад.

Хатнасур, ки яке аз маъракаҳои муҳимми мардумӣ буд ва дар баргузории он мушкилиҳои назаррас дар байни шаҳрвандон эҳсос мешуд. Ин пеш аз ҳама дар шакли якҷоя намудани ин маърака бо дигар маъракаҳои оилавӣ, мисол домодталбон ва ё ташкил кардани маърака бо теъдоди зиёди одамон ва ғ. Акнун мутобиқ ба қисми 7 моддаи 1 қонуни мазкур моддаи 9 “Хатнасур” дар таҳрири нав ифода карда шудааст:

**«Моддаи 9. Хатнасур**

**1. Хатнасур ба таври ихтиёрӣ танҳо дар доираи оила ва бе хизматрасонии санъаткорон гузаронида мешавад.**

**2. Хатна бо розигии падару модар аз рӯзи таваллуди писар то рӯзи бистуми баъди таваллуд дар муассисаҳои тиббии дахлдор ба таври ройгон бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ гузаронида мешавад.**

**3. Маъракаҳои номгузорӣ, гаҳворабандон, чиллагурезон, мӯйсаргирони тифл ва дигар маъракаҳои ба таваллуди кӯдак вобаста дар доираи оила, бе забҳи чорво ва хизматрасонии санъаткорон баргузор карда мешаванд.**

**4. Гузаронидани маъракаи ақиқа манъ аст.**

**5. Падару модар ва дигар шахсони онҳоро ивазкунанда метавонанд аз маблағҳои сарфашуда то расидан ба синни балоғат дар бонкҳо ба номи писаронашон суратҳисоб кушоянд.**

**6. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки имконияти молиявӣ доранд, метавонанд бо иштироки комиссияҳои доимии маҳаллӣ хатнасури хайриявии писарони бепарастор ва аз оилаҳои камбизоатро баргузор намоянд.**

**7. Тартиби гузаронидани хатнасури хайриявиро мақоми ваколатдор муайян менамояд».**

Дар ин модда тағйироти назаррас вуҷуд дорад ва мақоми ҳуқуқии маъракаи хатнасур низ аз мардумӣ ба маъракаи оилавӣ табдил ёфтааст. Қаблан мутобиқи қисми 1, моддаи 9 қонуни мазкур хатнасур ба таври ихтиёрӣ дар як рӯз бо иштироки то 60 нафар танҳо дар доираи як чорабинӣ (додани зиёфат ё ош) бо харҷи кам гузаронида мешуд.

**Акнун қисми 1, моддаи 9 бо чунин мазмун баргузории хатнасурро муайян кардааст:** “Хатнасур ба таври ихтиёрӣ танҳо дар доираи оила ва бе хизматрасонии санъаткорон гузаронида мешавад.” Тавре, ки аз қисми аввали ин модда бармеояд, хатнасур ба таври ихтиёрӣ бояд танҳо дар доираи оила ва бе хизматрасонии санъаткорон баргузор гардад. Қобили зикр аст, ки то тағйироти мазкур хатнасур ба гурӯҳи маъракаҳои иҷтимоии берун аз оила мансуб буда, дар алоҳидагӣ бо иштироки шахсони гуногун ва ё бо дигар маъракаҳои хурсандии мардумӣ ба мисли тӯйи домодию арӯсӣ якҷоя дар шакли васеъ гузаронида мешуд. Дар чунин сурат хатнасур табиати оилавии хешро гум карда, ба маъракаи мардумии серхарҷ мубаддал мегардид. Қонунгузор инро дарк карда, пешниҳоду дархостҳои халқро ба инобат гирифта, баргузории ихтиёрии хатнасурро дар доираи оила бе хизматрасонии санъаткорон муқаррар кард.

Бояд қайд кард, ки яке аз талаботҳои муҳимми қисми 1, моддаи 9 ҳамин аст, ки хатнасур бе хизматрасонии санъаткорон бояд баргузор гардад. Яъне соҳибони маъракаи оилавӣ ва каси дигар ҳақ надоранд, ки дар маъракаи хатнасур барои хизматрасонӣ санъаткоронро ҷалб намоянд. Дар баробари ин қонунгузор барои роҳат бахшидани хурсандии оилавӣ аз истифодаи магнитофон ва дигар воситаҳои электронии худхон маҳдудият пешбинӣ накардааст. Ҷойи сарфи маблағҳо ба санъаткорон ва пурдабдаба гузаронидани хатнасур падару модар ва дигар шахсони онҳоро ивазкунанда аз маблағҳои сарфашуда метавонанд то расидан ба синни балоғат дар бонкҳо ба номи писаронашон суратҳисоб кушоянд (ки ин низ ҳамчун меъёри тавсиявӣ дар қисми 5, моддаи 9 пешбинӣ шудааст). Дар оянда ин маблағ имкон дорад дар самти таҳсили фарзандонашон, беҳтар намудани шароити иҷтимоии зисти онҳо ва ғ. дастгирии хубе бошад.

**Қисми 2, моддаи 9 ба чунин тарз омадааст:** “Хатна бо розигии падару модар аз рӯзи таваллуди писар то рӯзи бистуми баъди таваллуд дар муассисаҳои тиббии дахлдор ба таври ройгон бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ гузаронида мешавад”. Дар ин қисм вақти иҷрои хатна барои тифл муайян шудааст. Хатнаи писарбача баъд аз таваллуд шуданаш бо розигии падару модар дар беморхона ва ё дигар муассисаи тиббии дахлдор дар давоми 20 рӯзи баъди таваллудаш гузаронида мешавад. Аммо ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки саломатии тифл ноҳуб бошад ва хатнаи тифл бинобар ин ҳолат номумкин бошад амали хатнаро ҳатман бояд иҷро кард. Баръакс дар чунин сурат ба дигар вақти мусоид бо маслиҳати духтурон гузаронидани ин амал мумкин аст. Зеро ин қисм ин ҳолатро манъ накардааст. Умуман дар хурдсолӣ анҷом додани хатнаи тифл ҳам аз назари ахлоқӣ ва тиббӣ мувофиқи мақсад аст. Аз ин рӯ, қонун ин ҳолатро ба инобат гирифтааст.

**Дар қисми 3, моддаи 9 чунин муқаррарот ҷой дода шудааст:** «Маъракаҳои номгузорӣ, гаҳворабандон, чиллагурезон, мӯйсаргирони тифл ва дигар маъракаҳои ба таваллуди кӯдак вобаста дар доираи оила, бе забҳи чорво ва хизматрасонии санъаткорон баргузор карда мешаванд». Яъне маъракаҳои анъанавии номгузорӣ, гаҳворабандон, чиллагурезон, мӯйсаргирони тифл ва дигар маъракаҳои ба таваллуди кӯдак вобаста танҳо дар доираи оила баргузор карда шаванд. Як талаботи муҳиме, ки ин қисм масъалагузорӣ менамояд, ин ташкили чунин маъракаҳои оилавӣ бе забҳи чорво аст. Вақтҳои охир бисёр аз шаҳрвандони мо зери таъсири ғаразҳои номувофиқ ба худнамоӣ даст зада, баргузории чунин маъракаҳои оилавиро ба як мусобиқаи дастархонорои ва забҳи чорвоҳо табдил доданд. Ин ҳолат ҳам тозагӣ ва ҳам моҳияти чунин анъанаҳои оилавиро гум карда, ба онҳо шукуҳу шаҳомати худнамоӣ ва худкомагӣ бахшида, исрофкорӣ ва хароҷоти ноҷоро ба зиндагии мардуми одӣ бор карда буд. Акнун қонун ин ҳолатро ислоҳ кард.

**Дар қисми 4, моддаи 9 гузаронидани маъракаи ақиқа манъ гаштааст.** Мутобиқ ба андешаи олимони динӣ ақиқа, ки барои тавлиди тифл, агар духтар бошад забҳи як чорвои хурд ва агар писар бошад забҳи ду чорвои хурдро барои шахсони сарватманд саҳронишини араб пешбинӣ кардааст, ки дар мазҳаби мо ҳатмӣ



**Ғафор ХАЛИМ
донишҷӯи соли 2**

нест. Аммо шахсони ҷудогона баъд аз танзими ҷашну маъракаҳо барои худ маъракаҳои иловагӣ ҷуста, ин маъракаи ақиқаро, ки аз назари мазҳаби ҳанафӣ хосияти ҳатмигӣ надошт, тадриҷан байни сокинон паҳн карданд. Аз ин хотир қонунгузор мутобиқ ба талаботи мазҳаб ҷиҳати сабук кардани зиндагии шаҳрвандон ин одати бегонаро дар Тоҷикистон манъ кард.

**Қисми 6, моддаи 9 бо чунин мазмун омадааст:** «Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки имконияти молиявӣ доранд, метавонанд бо иштироки комиссияҳои доимии маҳаллӣ хатнасури хайриявии писарони бепарастор ва аз оилаҳои камбизоатро баргузор намоянд».

Шахсони воқеӣ (шаҳрвандони ватанӣ, хориҷӣ ва шахсони бетабаа) ва ҳуқуқие (корхона, ташкилот, мақомоти давлатӣ ва ғ.), ки аз нигоҳи дорой ва захираҳои пулӣ имконият доранд, метавонанд бо маслиҳат ва иштироки комиссияҳои доимӣ хатнасури хайриявии кӯдакони ятим, бепарастор ва аз оилаҳои камбизоатро ташкил намоянд. Бояд қайд кард, ки масъалаҳои мазкур мутобиқ ба тартиби муқарраркардаи мақоми ваколатдор, ки қисми 7 моддаи мазкур пешбинӣ кардааст, сурат мегирад. Мақоми ваколатдор, яъне Кумита оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии назди Ҳукумати ҶТ мебошад.

Тавре дар боло зикр гардида буд, дар маҷмӯъ 13 қисм тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар ҶТ» ворид гардид. Дар доираи як мақола аз имкон берун аст, ки ҳамаи онро мо мавриди баррасӣ қарор диҳем, вале ба қадри имкон кӯшиш кардем то як моддаи Қонуни мазкурро шарҳу тафсир намоем.

Дар маҷмӯъ тағйироту иловаҳои воридшуда бо мақсади сабукӣ овардан ба мардум ва беҳтар кардани сатҳи зиндагии халқ қабул гардида, дар асл идомаи ислоҳоти маънавӣ ва иҷтимоии ҷомеа, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ Эмомалӣ Раҳмон 10 сол муқаддам оғоз намуданд, мебошад. Аз фурсати муносиб истифода бурда, аз тамоми ҷавонон даъват ба амал меорем, ки баҳри расидан баояндаи дурахшони халқу ватани азизамон, атрофи сиёсати пешгирифтаи Пешвои азизамон муттаҳид шуда, саҳми худро дар ислоҳи вазъи маънавӣ ва беҳдошти ҳаёти иҷтимоӣ тавассути иҷрои ин қонуни миллӣ гузорем.



АФЗАЛИ М.К.
доцент кафедры иностранных языков юридического факультета

# РОЛЬ НАУЧНО-СТУДЕНЧЕСКОГО КРУЖКА В ЖИЗНИ СТУДЕНТОВ



Маликахон АБДУРАСУЛОВА
студентка 2-го курса

Новый мир рождается на наших глазах. Среди множества изменений, которые произошли и происходят в жизни человеческого общества за последнее столетие одним из важных и перспективных является рост науки, мировоззрения и этики, изменение их статуса.

Мир на пороге третьего тысячелетия превращается в полигон состязающихся и борющихся мировоззрений. в целом, они становятся доминирующим фактором гражданского потенциала. ведущую роль в этой системе играет человек. именно он является субъектом создания приоритетной базы для роста национального сознания. стремительная глобализация общественной жизни требует от современного человека осуществления философского синтеза картины мира, гуманистического, нравственного понимания человека, как субъекта и самоцели исторического прогресса, осмысление глобальных проблем современности, образования, нравственности, культуры мира, безопасности.

В этой связи, большое внимание уделяется подготовки квалифицированных кадров. Особое значение имеет знание иностранных языков. Методика преподавания иностранных языков на кафедре иностранных языков юридического факультета, прежде всего направлена на совершенствование знаний в сфере юриспруденции, владение юридической терминологией.

Ежемесячное проведение научно-студенческого кружка способствует повышению роли науки, подготовки студентов к написанию научных трудов.

Работа научного кружка на кафедре проводится в 3-х направлениях: теоретические исследования, собственные исследования и практическая работа.

Теоретическая часть предусматривает использование студентами современных возможностей получения информации путем изучения монографий, статей, интернета. Собственные исследования проводятся при работе с архивными материалами, сборе анамнеза, различные виды анкетирования больных. Этот вид исследовательской работы студенты осуществляют совместно с кафедральными сотрудниками - преподавателями, которые помогают студентам и направляют их действия.

Доклады на заседаниях кружка проводятся в виде мультимедийных презентаций. Конечным выходом исследования является доклад, который представляется на итоговую научную конференцию студентов института. Данный метод способствует не только глубокому освоению материала, но и приобретению навыков публичных выступлений. При выборе темы исследования кафедра всегда исходит из пожеланий студентов, а также из научной тематики кафедры. Важное значение при выборе тематики исследований придается личным качествам студента, индивидуальным способностям и наклонностям каждого студента, а также развитию у него его активной познавательной деятельности.

Цели научных студенческих кружков. Организация научно-исследовательской и информационно-аналитической работы студентов вне учебного времени, формирование у студентов мотивации к научно-исследовательской работе, привитие студентам навыков самостоятельной научно-исследовательской деятельности, активизация студенческих сил, а также содействие работе вуза по повышению качества научно-теоретической и научно-практической подготовки специалистов.

Задачи научных студенческих кружков. Работа научных кружков направлена на формирование в студенческой среде потенциальных лидеров, экспертов, аналитиков, молодых ученых, направлена на уяснение студентами наиболее сложных и актуальных вопросов. Студенческие кружки предполагают развитие культуры ведения дискуссии, построение логики выступления, совершенствование практических навыков ораторского искусства студентов, развитие навыков работы с нормативно-правовыми актами, научной литературой.

Проведение заседаний научного кружка и научных конференций способствует стимуляции познавательной деятельности студентов, проявлению творческой активности, способности выступать перед аудиторией, корректному участию в обсуждениях и формированию научного и клинического мышления. Кружковая работа побуждает студентов к целенаправленному овладению знаниями и умениями, необходимыми в будущей профессиональной деятельности.

Проводятся конкурс научных докладов, и победителям присуждаются призовые места и почетные грамоты.

Кроме того, на факультете создан дискуссионный клуб. На заседаниях кружка обсуждаются основные тенденции развития современного английского языка, его значение в условиях международной коммуникации, а также роль иностранного языка в жизни студентов юристов, языковедов и т д. На основе деятельности студенческого кружка была организована Englisђ — speaking club, целью которого является: совершенствование разговорных навыков студентов по английскому языку, повышение уровня профессиональной английского языка; обогащения лексики юридической терминологией; поощрения студентов принимать участие в ежегодной апрельской конференции.

На заседаниях Englisђ — speaking club кружка принимают активное участие в викторинах, дискуссиях на актуальные глобальные темы (киберпреступление, роль языков в жизни современного общества, права человека), обсуждении «горячих медицинских новостей», просмотре научных фильмов на английском языке, командных дебатах, просмотре медицинских англоязычных периодических изданий. Актив клуба приглашают специалистов из разных областей юрисдикции для участия в дискуссии.

С каждым годом научно студенческий кружок привлекает все большее внимание не только лингвистов и преподавателей иностранных языков, но и правоведов. Взаимодействие языка и права, лексические и грамматические особенности, специфика терминологической системы в сфере юриспруденции, перевод правоведческих текстов, современные методики интенсивного обучения иностранным языкам студентов-юристов — эти вопросы были затронуты в докладах участников конференции и вызвали оживленную дискуссию.

Активные студенты, участники научно-студенческого кружка: Орипов С., Сироджидинова Б., Киёмиддинов Ф., Давронзода М., Камолиддинова Р., Рахмонов Ф., Абдурасулова И., Муродов М., Тиллоева З., Хукуматов У.

# КОНСТИТУТСИОНАЛИЗМ ВА ПРИНСИПҲОИ ОН



Машраби ДАВРОН
дастпарвари факултети ҳуқуқшиносӣ

Конститутсионализм ба сифати чараёни сиёсӣ дар асрҳои XVII-XVIII ба вуҷуд омада, ҷонибдори қабули Конститутсия ва маҳдуд намудани ҳокимияти мутлақи шоҳ мебошад. Саравваль дар доктринаҳои амрикоӣ конститутсионализм ба маънои волоияти Конститутсия аз дигар конунҳои дар давлат амалкунанда фаҳмида мешуд. Дар замони муосир дар адабиёти ҳуқуқӣ, конститутсионализм ба маънои маҳдуд намудани ҳокимияти мутлақи шоҳ, амир, ё ин ки император фаҳмида шуда, вобастагии давлатро ба Конститутсияи ба тариқи расмӣ қабулгардида нишон медиҳад. Фаҳмиши дигари конститутсионализм мавҷуд аст, ки ин падидаро ҳамчун маҳдудияти ҳуқуқии давлат ва куллан маҳдуд намудани бо иродаи худ давлатӣ намудани идоракунии давлатӣ ифода мекунад. Мо ба ҳама мафҳумҳои конститутсионализм розӣ шуда наметавонем ва он мавқеъро дастгирӣ мекунем, ки хусусияти зербиноии конститутсионализм аз нуқтаи назари пайдоиш (генезис) ва рушди таърихии чунин падида, ҳамчунин нақши он дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ бо роҳи маҳдудияти меъёрии ҳокимияти давлатиро равшан менамояд. Ташаккулёбии ин падида дар Россия ба асрҳои XIX-XX рост меояд. Авҷи баланди инкишофи конститутсионализм дар Федератсияи Россия ба солҳои 90-уми аср XX рост омада, гуфтан мумкин аст, ин давраи бавуҷудоии конститутсионализми судӣ мебошад, ки суд ҳамчун ҳамоҳоти ҳифзи ҳуқуқ, таъминсозандаи волоият ва амали бевоситаи Конститутсия эҳё гардид.

Азбаски конститутсионализм падидаи сиёсӣ низ мебошад, мафҳуми он аз ҷониби муҳаққиқони сиёсатшинос низ пешниҳод мешавад. Аз нигоҳи сиёсӣ конститутсионализм мавҷудияти шакли идоракунии конститутсионист. Идоракунии давлатиест, ки бо Конститутсия маҳдуд карда мешавад (Каримов К.М «Конститутсионализм, ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии низомҳои ҳуқуқии замони муосир: Таъсири онҳо ба мақомоти назорати конститутсионии ҶТ»).

Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ конститутсионализм дар давлат мавҷуд будани конуни асосӣ (Конститутсия), эътирофи идоракунии муносибатҳои мутақобилаи ҷамъият ва шахс бо давлат ба воситаи ҳуқуқ мебошад.

Конститутсионализм - ин назарияи Конститутсия, таърих ва амалияи сохтори конститутсионӣ дар ин ё он давлат, гурӯҳи давлатҳо ва дар кулл ҷомеаи байналмилалӣ мебошад.

Ҷомеаи байналмилалӣ дар ташаккулёбии падидаи конститутсионализм нақши муҳим мебозад. Дар ҳамин замина ҳар як давлат бо хусусиятҳои миллӣ, таърихӣ, сиёсӣ, идеологӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва ғайра дар инкишофи ин падида саҳм гузоштааид.

Дар китоби «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ» мафҳуми конститутсионализм нақши муҳим мебозад. Конститутсионализм дода шудааст, ки ба се маъно фаҳмида мешавад: 1) афкори конститутсионӣ; 2) мавҷуд будани Конститутсия ба сифати санади олии ҳуқуқии кишвар; 3) амалияи конститутсионӣ.

Дар ҶТ конститутсионализм ба сифати падидаи ҳуқуқию сиёсӣ бо мафҳуми томи ин истилоҳ баъд аз эълони Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон рӯ ба инкишоф ниҳодааст. Гарчанде то Истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон дар давраҳои гуногун чор Конститутсия кабул шуда буд, аммо ба тариқи конститутсионӣ муқаррар шудани ҳизби коммунистӣ қувваи роҳбар ва роҳнамо, ядрои сиёсии ҷомеа монеи рушди ин падида буд. Ин муқаррарот амалишавии падидаи конститутсионализмро маҳдуд менамуд. Чунки ҳокимияти давлатӣ аз ин муқаррарот суиистифода намуда, ҳар лаҳза аз доираи муқаррароти Конститутсия майли баромадан менамуд. Меъёри мазкур ба ҳокимияти сиёсӣ дасти бозро дода, ҳар амали онҳоро аз лиҳози қонунӣ эътирофшуда ҳисоб менамуд.

Бо қабули Конститутсияи ҶТ дар санаи 6-уми ноябри соли 1994 Тоҷикистон ба марҳилаи нави инкишофи падидаи конститутсионализм ворид гардид. 23 сол муқаддам дар айёме, ки ҶТ нахустин қадамҳои устувори худро дар роҳи таҳкими соҳибистиқлолӣ ва эъмори давлату давлатдории навин мегузошт, дар ҳаёти сиёсии ҷомеа руйдоди бузурги таърихӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад. Чунин принсип дар Конститутсияи ҶТ мустаҳкам гардидааст;

2) дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ Конститутсия мавқеи асосиро ишғол мекунад;

3) имконнопазирии боздоштан ва ё манъ кардани амали меъёрҳои Конститутсия;

4) принсипи тақсияи ҳокимияти давлатӣ ва ғ.

# ИСТИҚЛОЛИЯТ – РАМЗИ ОЛИИ ВАТАНУ ВАТАНДОРӢ



Диёр ШАРИФЗОДА
Прокурори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ, мониторинги қонунгузорӣ ва маркази матбуоти Прокуратураи генералии ҶТ, мушовири адлияи дараҷаи 3

Имрӯз миллати тоҷик дар арафаи 26-умин солгарди Истиқлолияти давлатии хеш қарор дорад. Истиқлолият ин падидаи давлатдорие мебошад, ки дар фазои он инсон озодона умр ба сар бурда, бо истифода аз ҳуқуқҳои худ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ҳуқуқи ширкат варзиданро дорад. Зиндагиро дар ҳар давлат бидуни Истиқлолият тасаввур кардан имконнопазир аст. Зиндагӣ ин худ озодии инсону истиқлоли уст.

Ҳамин тавр, озодӣ ва Истиқлолият дар ҳар давру замон неъмати бебаҳо ва волои ҳаёти инсон, нишони барҷастаи симо ва шахсияти таърихӣ, кафили пешрафт, рамзи асолату ҳувияти миллӣ ва шарти бақои таърихии миллат ва давлат мебошад. Истиқлолият барои мо имкони воқеӣ фароҳам овард, ки роҳи имрӯзу ояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб намоем. Истиқлолият барои мо рамзи олии Ватану ватандорӣ, бузургтарин неъмати давлатсозию давлатдории мустақил, кору пайкорҳои пайгиронаи созандагӣ, азму талошҳои фидокоронаи расидан ба истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро омӯзонда, меъёрҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таҳким бахшид ва дар як вақт ҳаёти озодонаи ҳар фард ва олитарин дараҷаи бахту саодати воқеии миллатро таъмин намуд. Истиқлолият барои мо нишони барҷастаи пойдории давлат, бақои симои миллат, рамзи асолату ҳувият, мазҳари идеалу ормонҳои таърихӣ, шинósномаи байналмилалӣ, инчунин шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон мебошад.

Тамоми сокинони кишвар имрӯз ифтихор доранд, ки бисту шаш сол қабл нахустин хиштҳои пойдевори истиқлолияти воқеӣ ва давлатдории миллии худро ниҳода, аз шарофати мустақилият соҳиби рамзҳои давлатӣ – Парчам, Нишон ва Суруди нави миллӣ гардидем. Ҳодисаву воқеаҳои пурошӯби ибтидои солҳои навадум водор намуд, ки оид ба масъалаи таъмини амнияти миллиу давлатӣ, нигоҳ доштани оромии авзои ҷомеа, пойдории сулҳу субот ва таҳкими истиқлолияту ҳифзи дастовардҳои он андеша кунем, ки ин ҳама як қисми таркибии сиёсати давлатии мо маҳсуб мешуд. Пас аз як соли эълони Истиқлолият, аниқтараш моҳи ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби ноҳияи Б.Ғафуров Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии ҶТ ба арсаи сиёсат шахсиятеро баровард, ки дастовардҳои минбаъдаи кишвар ба номи ӯ иртиботи ҳамаҷониба доранд. Аз рӯзи Сарвари давлат интихоб гардидани фарзанди барӯманди халқ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми фишангҳои ҳокимият асосҳои сохтори конститутсионӣ, рукнҳои тозаи идоракунии давлат, меъёрҳои танзимкунандаи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар роиҷ гардида, пули миллӣ ба муомилот баромад ва шиносномаи миллӣ дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф гардид. Мо яке аз рукнҳои асосии давлатдории мустақил – Артиши миллӣ ва нерӯҳои сарҳадиро таъсис дода, ҳифзи марзу буми Ватан ва сарҳади давлати худро таҳти назорати доимӣ гирифтем. Чунончи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд: «Яке аз муҳимтарин дастовардҳои мо дар даврони Истиқлолият давлатсозӣ ва давлатдории муосири миллӣ мебошад, ки моҳияташ шакли ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ ва дунявиро дорад».

Миллати азиятдидаи тоҷик барои таҳкими истиқлолият, нигаҳдошти якпорчагии марзу бум, расидан ба сулҳу ваҳдат ва ягонагӣ, интихоби роҳи рости рушду тараққиёт Конститутсияи мамлакатро қабул кард.

Агар гӯем, ки аз ҳамон соли қабули Конститутсия, яъне соли 1994 барои ҶТ марҳилаи нави инкишоф фаро расид, хато нахоҳем кард.

Зеро барои расидан ба сулҳи кулл ва Ваҳдати миллӣ пеш аз ҳама пояи қонунии фаъолияти ҳокимият зарур буд ва инро метавонист танҳо конститутсияи ҳаматарафа такмилёфта ва мутобиқ ба талаби замон таъмин намояд. Баробари ин якдилона пазируфтани Конститутсия аз ҷониби тамоми халқ нишони эътирофи Ҳукумати қонуниро дошт, ва акнун ду сол мешуд, бо сарварии фарзанди вафодори миллат Эмомалӣ Раҳмон барои аз варта берун овардани мамлакати дар ҷанги шаҳрвандӣ харобгардида фаъолияти шабонарӯзӣ мебурд. Кафолати зиндагии осуда ва хурраму озодро барои халқ ин ҳуҷҷати муҳим таъмин менамояд. Асоси чунин зиндагӣ бошад, меҳнати софдилонаю бунёдкорона аст. Пас кафолати меҳнати озодона, донишу ҳунаромӯзӣ, истироҳат ва табобат, саҳм гирифтан дар пешрафти мамлакат барои ҳар шаҳрванд низ аз ҷониби давлат тавассути Конститутсия муайян гардидааст. Кафили Конститутсия бошад, Президенти ҶТ мебошад.

Дар шароити кунунӣ, ки ҷаҳони муосир дорад, таҳкими Истиқлолият, устувор гардонидани пояҳои давлат ва баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии инсон барои на танҳо мардуми мо, балки тамоми инсоният мазмуни ҳаётан муҳим пайдо мекунад. Зеро даҳсолаҳои охир пешрафти босуръати илму техника ва раванди қувват гирифтаистодаи ҷаҳонишавӣ инсониятро ба муҳити комилан нав ворид намуда, боиси ташаккул ёфтани низоми фарогири равобити сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва иттилоотиву маънавӣ гардидааст.

Дар анҷом ҳаминро мехоҳам таъкид намоям, ки дар баробари соҳиб гардидани Истиқлолияти давлатӣ дар Ҷумҳурӣ вазифаи ҳар яки мо васеъ гардида, ба мо муяссар шуд, ки кишвари азизамон ба сӯи ҷомеаи демокративу дунявӣ қадамҳои устувор гузорад. Ҳоло, ки ҶТ ҳамчун кишвари озод эътироф шудааст, мо шаҳрвандони он бояд мисли ангуштони як даст, фарзандони як модар амал намуда, дар бунёди Тоҷикистони навин саҳм бигузорему бо исми миллати худ ифтихор намоем. Истиқлолияти давлатӣ барои миллати тоҷик хушбахтист ва танҳо бо роҳи ваҳдат ва меҳнати ҳалол метавонем истиқлолияти худро ҳифз намоем ва ватани азизамонро ободу зебо гардонем. Ин ҳадафҳо танҳо ба воситаи илму дониш, ақлу заковат ва меҳнатдӯстӣ муяссар мегардад.

Аз ин рӯ, ҳар яки моро зарур аст, ки ба қадри ин падидаи нодири таърихӣ расем зеро Истиқлолият барои ҳар фарди соҳибдилу озодии кишвар саломатӣ, бахту саодат, зиндагии осуда ва комёбӣ меоварад. Поянда бод Истиқлолияти давлатии тоҷикон!



# СОЛИ ҶАВОНОН – СОЛИ МАСЪУЛИЯТ



Фаридун ИСОЕВ
ёрдамчии калони прокурори ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, мушовири адлияи дараҷаи 1

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки дар рафти Паёми имсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ ироа гардид, ин эълон намудани соли 2017 «Соли ҷавонон» мебошад. Воқеан, иқдоми зикргардида хусусияти таърихӣ дорад. Зеро насли ҷавони кишвар ҳанӯз аз рӯзҳои аввали мустакилият дар бунёди давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ бо давра ба давра ташаккул ва амалӣ намудани самти махсуси фаъолият – сиёсати давлатии ҷавонон ҳамкадами давлат мебошанд.

Даврони ҷавонӣ даврони тиллоии умр, айёми рангинии ҳаёт ва неруву қудрати бузурги инсон аст, ки дарки аҳамияти воло ва пурсамар гузаронидани он аз далериву ҷавонмардӣ дарак медиҳад. Таваҷҷуҳ ва ғамхории Сарвари кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷавонон аз рӯзҳои аввали соҳибистиклолӣ намудор буд. Новобаста аз сахтиҳо ва нокомиҳои ҷойдошта, Пешвои миллат ба баррасии масъалаҳои марбут ба ҷавонон ва сиёсати ҷавонон афзалият медод.

Ҳамчунин бо мақсади ҷалби насли ҷавон ба фаъолнокии сиёсӣ ва беҳтар гардонидани вазъи сиёсию иҷтимоӣ дар кишвар 17-уми марти соли 1994 дар доираи Анҷумани якуми ҷавонони Тоҷикистон мулоқоти аввалини расмии Сарвари давлат бо намояндагони ҷавонони кишвар баргузор гардид. Ин ҳамоиш дар шароите баргузор гардид, ки сохторҳои идоракунии давлатӣ ташаккул меёфт ва мамлакат дар оғуши ҷанги шаҳрвандӣ қарор дошт, яъне кулли ҷомеа, бахусус ҷавонон дар фикри зинда мондан буданд. Вале новобаста аз ин бо умеди роҳнамоии ҷавонон ба фардои нек ва равонасозии онҳо ба бунёди давлати аҷдодӣ, дастёбӣ ба мустақилияти комил, ҳувияти миллӣ ва эҳёи арзишҳои миллӣ, Сарвари муаззами кишварамон тамоми ҷидду ҷаҳди хешро ба харҷ медод, ки ин боиси ифтихор ва фараҳмандӣ мебошад.

Мувофиқан, дар ҷавоб ба ин ғамхориҳо ва шароиту имконияҳои фароҳамгашта мо ҷавононро мебояд, ки аз гузашта бештар ва аз имрӯза хубтар бо рӯҳияи баланд ва ифтихору кардднонии истиклолияти комил ва ваҳдати миллӣ кӯшишу ғайрат намуда, баҳри пешрафти Тоҷикистони азизамон, инчунин дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ намудани ин миллати куҳанбунёд, соҳибтамаддун ва фарҳангдӯст камари ҳиммат бандем.

Тоҷикистон баъди соҳибистиқлол шудан ҳамчун узви барбарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шуда, дар харитаи сиёсии дунё арзи ҳастӣ намуд, ки дар ин пешравиҳо саҳми ҷавонон дида мешавад. Имрӯзҳо вазифаи аввалиндараҷаи мо - ҷавонон таҳкими сулҳу ваҳдат ва нигоҳдории оромии мамлакатамон ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, ҳар як ҷавон, ки худро соҳибватан меҳисобад, бояд ҳеҷ гоҳ мафҳумҳои озодӣ, истиқлолият ва конститутсияро аз мадди аввал дур насозад. Ҳамаи андешаву кӯшиши худро бояд ҷиҳати таъмини волоияти қонун, болоравии эҳсоси худшиносию худогоҳӣ, ифтихори миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва таҳкими ваҳдат равона созад.

Мо тоҷикон, ки таърихи бениҳоят ғанӣ дорем, метавонем дар якҷоягӣ бо меҳнати бунёдкоронаву созанда мақому мартабаи Тоҷикистони азизамонро дар ҷаҳон баланд бардорем. Худованд ба мо сарзамини ободу, сарватҳои бебаҳо, халқи меҳнатдӯсту бофарҳангро ато кардааст ва боварӣ дорем, ки дар натиҷаи саъю кӯшиши дастаҷамъона бо сулҳу ваҳдат, эътимоду боварӣ ба ҳамдигар, боварӣ ба ояндаи нек дилхоҳ мушкилоти пешомадаро паси сар менамоем. Ҳар иқдоме, ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод мегардад, ҳамчун як марҳилаи сифатан нав дар пешрафти худшиносии миллии мо ҷавонон такони ҷиддие мебахшад.





Фарзона АСОЕВА
донишҷӯи соли 2
(ФҲҲ)

# СУХАНҲОИ КӮТОҲ, АММО ПУРМУҲТАВО

**Садоқат ба Ватан нахустин фасли дафтари худшиносист.**

Хоби посбон чароғи дузд аст. Мабодо, ки ғафлат биварзему ганҷинаи Ваҳдати миллиро аз даст бидиҳем.

**Нишони муҳаббат ба Ватан танҳо барои пешрафти он талош кардан аст.**

Аввал рафоқат, дувум садоқат, савум Истиқлолият, чаҳорум Ваҳдат. Ин зинаҳои пешрафти ҳар як миллатанд.

**Ширинӣ ё лаззати ҳаётро метавон дар Ватани худ дарёфт.**

Меҳанпарастию озодихоҳӣ ва арҷгузорӣ ба Ваҳдати миллӣ калиди бисёре аз комёбиҳост.

**Муҳаббат ба Ватанро ба ҳеҷ чизи дигар ташбеҳ натавон кард, зеро ҳеҷ чиз дақиқтару латифтар аз муҳаббат ба Ватан нест.**

Донаи Ваҳдат наку биафшон дарахти бузурге аз он берун хоҳад омад.

**Истиқлолият натиҷаи якдиливу якмаромӣ ва ҳамбастагии афроди зиёде дар бахри як ҳадаф аст.**

Агар фарзандони як миллат метавонистанд, ки аз истеъдодҳои худ дуруст баҳра гиранд, Ватан ҳамон биҳишти мавъуд мешуд, ки ҳама мехоҳанд.

**Бузургдошт бахшиши бериёи меҳр ба Ватан аст. Бахшише, ки бо он метавон бӯйи баҳорро ҳамеша ҳамроҳ дошт.**

Мустаҳкамии занҷир ба мустаҳкамии сусттарин ҳалқааш андозагирӣ мешавад, мустаҳкамии Ваҳдати миллӣ низ ба устувории ҳар фард вобаста аст.

Вафодории имрӯзаамон ба Ватан аст, ки вафодории оянддаро таъмин мекунад.

**Ишқ ба Ватан чизест, ки ба ҳеҷ чизи дигар шабоҳат надорад.**

**Истиқлолият баёнгари «ман»-и миллист.**

# ТАЪЛИМУ ТАРБИЯИ ХУРДСОЛОН



Соҳиб АВЗАЛЗОДА
дастпарвари факултет

Тарбия – ин раванди мақсадноки ба воя расонидани фарзанд аз ҷониби падару модар, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа мебошад.

Таълим – ин раванди фаъолияти муштараки падару модар, омӯзгор ва муассисаи таълимӣ бахри инкишофи шахсият, истеъдод, малака ва қобилияти фикрию ҷисмонии кӯдак мебошад.

**Оилаи имрӯза дар ҷомеаи мо аз ҳама ҷиҳат аз оилаҳои гузашта фарқ мекунад. Тавассути пешрафти илму техника, низоми бозоргонӣ, таъсири матбуоти даврӣ, телевизион ва шабакаҳои интернетӣ сатҳи фаҳмиш дигар шудааст. Муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ва аксар оилаҳо техникаи замонавӣ дар симои телевизион ва компютер истифода мекунанд, ки ин таҷҳизотҳо ба ҳаёти маънавӣ, ақлонию зеҳнии хурдсолон таъсир мерасонанд. Мувофиқи нишондоди «ЮНЕСКО» хурдсолони 3-5-сола, дар як ҳафта то 28 соат вақти худро дар назди телевизион мегузаронанд, ин ба вазъи саломатии ҷисмонию фикрии онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Кӯдакону наврасони ноболиғ соатҳои тӯлонӣ машғули тамошои филмҳои фаҳшу пастмазмуни тарғибкунандаи куштор, зӯроварию терроризм мегарданд. Ба андешаи мо волидон вазифадоранд, ки вақт ва барномаҳои тамошобоби наврасонро муайян намуда, тамошои телевизиону видеофилмҳоро на барои воситаи вақтгузаронӣ, балки чун воситаи тарбиявӣ, истироҳату фароғати онҳо истифода баранд.**

**Тибқи Кодекси оила, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ кӯдак ҳуқуқ ба зиндагӣ ва тарбия дар оила, ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ, ҳуқуқ ба фароғату истироҳат, ҳуқуқ ба таҳсил ва шиносоӣ бо фарҳангӣ миллиро дорад. Дуруст ба роҳ мондани ин ҳуқуқҳо аз мо волидон вобастагӣ дорад.**

Қонуни ҶТ «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» пешбинӣ мекунад, ки таълиму тарбияи томактабӣ раванди мақсадноке мебошад, ки қобилият, шавқу рағбат, хусусиятҳои ҷисмонӣ, равонӣ, зеҳнӣ ва фарҳангии кӯдакони синни томактабиро инкишоф дода, ба оила, падару модар (шахсони онҳоро ивазкунанда) инчунин омода намудани хурдсолон ба таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ мусоидат мекунад. **Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф» дар назди волидон ва мураббиён вазифаҳои масъулиятнокро пеш гузоштааст, ки дар сурати беэътиноӣ ба он ё мухолифи он амал кардан, ҳатто ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст. Азбаски сатҳи зиндагӣ ва масъулиятнокии падару модарон гуногун аст, тарбияи наврасон низ як хел нест. Оилаҳое ҳастанд, ки ба шароити муосири зиндагӣ нигоҳ накарда дар тарбияи фарзандони нараси худ саҳми фаъол мегиранд. Вале баъзеҳо саҳлангорӣ мекунанду ба камбудиҳо роҳ медиҳанд. Дар оилаҳои ҷавон бошад, ба сабаби камтаҷрибагӣ тарбияи хурдсолон коста мешавад.** Дигар сабаби он дар оила аз ҳад зиёд ҳукмравой доштани калонсолон аст, ки дар ин маврид наврасон аз тарс мустақилияти хешро гум мекунанд. Дар чунин вазъият майлу рағбат, озодии онҳо зери фишор мемонад. **Камбудии дигари тарбияи оилавӣ аз ҳад зиёд нозпарвар тарбия кардани наврасон аст. Ин ба он сабаб рӯй медиҳад, ки волидайн фарзанди худро аз меъёр зиёд дӯстдорӣ мекунанд, ҳеҷ чизро дареғ намедорад, ҳатто гуноҳҳояшонро навозишкорона мебахшанд, оқибат кӯдак ба такаббур рӯй оварда, худбин калон мешавад. Дар оилаҳои дигар падару модар нисбат ба фарзанд серталабӣ мекунанд, бобою бибӣ тарафи хурдсолонро гирифта навозиш мекунанд, ки дар чунин сурат низ хурдсолон тарбияи нодуруст мегиранд.**



**Хушбахтона, дар кишвари мо Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» амал мекунад, ки волидон барои дар амал татбиқ шудани он кӯшиш менамоянд. Таҷриба нишон медиҳад, ки маҳз хурдсоле бештар инкишоф меёбад, ки волидон барояш муҳити солими рӯҳӣ фароҳам оварда, худ бо меҳнати содиқона намунаи ибрат мебошанд.**

# ТАРБИЯ АЗ ОИЛА ОҒОЗ МЕШАВАД



**Ҳуснуддин САИДОВ**
**раиси шӯрои сарпарастони факултети ҳуқуқшиносӣ**

**Гузариш ба муносибатҳои иқтисоди бозаргонӣ, ташаккулёбии арзишҳои демократӣ, ташкил намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ, гузаронидани ислоҳоти сиёсию ҳуқуқӣ ва тарҷеҳ намудани ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд талаб менамоянд, ки дар бобати беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани савияи донишҳои ҳуқуқии аҳолии ҶТ ҷораҳои мушаххас андешида шаванд.**

Тарбияи дахлдори наврасону ҷавонон ва дуруст ба роҳ мондани он дар ташаккули соҳаҳои мухталифи давлат нақши муҳим дорад. Махсусан соҳаи маорифро бидуни устувории тарбия тасаввур кардан ғайриимкон аст. Соҳаи маориф дар ҷумҳурӣ яке аз соҳаҳои афзалиятнок маҳсуб ёфта, он аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун омили муҳимтарини наҷоти миллат ва таҳкими давлат арзёбӣ шудааст.

**Аз замонҳои қадим халқи тоҷик ба тарбияи фарзанд таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, ҷиҳати дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ҳувияти миллӣ, ҷавонмардию инсондӯстӣ, маърифатпарварию хештаншиносӣ ва ахлоқи ҳамида ба воя расонидани насли наврас кӯшиш менамуданд. Дар замони Истиқлолияти давлатии ҶТ ин анъанаҳо идома ёфта, тавассути оила, муассисаҳои таълимӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва динӣ ба шаклҳои мухталиф амалӣ карда мешавад.**

Раванди тарбия дар асоси «Консепсияи миллии тарбия дар ҶТ» ҳамчун самти афзалиятноки соҳаи таҳсилот ва ҳаёти иҷтимоии кишвар эътироф гардидааст. Дар ин робита яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи маориф муҳайё намудани шароит барои инкишофи ҳамаҷонибаи тарбияи насли наврас ба ҳисоб меравад.

Дар ҷомеаи имрӯза дар кори пешбурди соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ мавқеи ҷавонон хеле муҳим аст, чунки ин қишри ҷомеа дорои афкори тоза, неруи муҳимми пешбаранда мебошад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дастгирии ҷавонон ва таъмини онҳо бо ҷойҳои нави корӣ, дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ бо донистани забонҳои хориҷӣ диққати махсус дода, пешниҳодҳои ҷавононро бахри инкишофи Ватани азизамон доимо дастгирӣ менамоянд ва бунёди шароити мусоиди кору фаъолиятро барои ҷавонон таъмин месозанд. Тавре таъкид намудаанд: «Ҷавонон қувваи бузург, неруи созанда ва оянди миллатанд». Мавқеи фаъоли ҷавононро дар рушди Тоҷикистони азиз ба инобат гирифта, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2017-ро дар Тоҷикистон “Соли ҷавонон” эълон доштанд.

**Тарбия хислати универсалӣ дорад, яъне ба тамоми мардум, ба тамоми соҳаҳо нисбат дода мешавад. Тарбия бояд дар тамоми зинаҳои таҳсилот дуруст ва самаранок ба роҳ монда шавад. Аз ҷумла, масъалаи тарбияи насли наврас дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ мақоми муҳим дорад, зеро рушди маънавии ҷомеа ва дар ҳамин асос тараққиёти соҳаҳои гуногуни ҳаёти муосири давлату ҷамъият ба ҳаллу фасли дурусту мақсадноки ин масъалаи муҳим робитаи бевосита дорад. Ҳамин муҳиммияти масъала ҷой дорад, ки Ҳукумати мамлакат пайваста бо мақсади баланд бардоштани сатҳи тарбияи наврасону ҷавонон тадбирҳо меандешад.**

Аз ҷониби Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории худ пешниҳод гардидани якчанд тағйиру иловаҳо ба қонунҳои ҷумҳурӣ аз мубрам будани масъалаи тарбия дар муассисаҳои таълимӣ дарак медиҳад. Тағйиротҳо ба сатҳи қонунгузории соҳаи маориф воридгардида, насли ҷавони мамлакатро водор менамоянд, ки то дараҷаи дахлдор масъулиятшинос, дурандеш, оқил, ботамкин бошанд. Тамоми муҳассилини муассисаҳои таълимӣ риояи тағйиротҳои воридгардидаро бояд ба ҷо оваранд. Нафароне, ки ба ин ва ё он шакли муассисаи таълимӣ ворид гардидаанд, мебояд иҷрои саривақтии тамоми талаботҳоро анҷом диҳанд. Агар нафаре ба номи пуршарафи донишҷӯ сазовор гардидааст, мебояд тамоми масъулияти худро барои расидан ба мақсадҳои дар пеш гузоштаи худ, баланд бардоштани номи худ ва падару модар, муаррифии давлату меҳани худ сарф намояд. Ба корҳои нолозим машғул нашавад. Талаботи муқарраршударо дар муассисаи таълимӣ ва ҷомеа дуруст иҷро намояд.

**Бо мақсади дуруст ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ ба қонунгузории соҳаи маориф санаи 28-уми августи соли 2017 тағйиру иловаҳо ворид гардиданд, ки онҳо масъулияти муҳассилинро дар назди давлат, ҷомеа ва муассисаи таълимӣ дучанд мегардонанд. Пеш аз ҳама вобаста ба он ки солҳои охир ҷавонони дар мактаби олӣ таҳсилкунанда бо худравҳои шахсӣ ба муассисаҳои таълимӣ ҳозир мешуданд ва ин амал чандин оқибатҳои ногуворро ба бор меовард, зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории соҳаи маориф ба миён омад.**

Тағйироту иловаҳо ба қонунгузории соҳаи маориф, аз ҷумла Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф», Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ», Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» ворид карда шуданд. Ин тағйиру иловаҳо мақсади баланд бардоштани раванди тарбия дар байни аҳолӣ, дучанд гардидани масъулияти онҳо дар ҳифзу гиромидошти арзишҳои миллӣ, иҷрои бечунучарои уҳдадориҳои таълимии худ, ҳифзи манфиатҳои қонунии сокинон ва ғайраро доранд.




**Мутобиқи сархати дуюми қисми 5, моддаи 19-и Қонуни ҶТ аз 8 августи соли 2015 «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ» «таълимгирандагон бояд бо идора намудани воситаҳои нақлиёти механикӣ ба муассисаи таълимӣ наоянд. Дар сурати риоя накардани талаботи меъёри мазкур таълимгирандагон бе ҳуқуқи барқарор шудан ба муҳлати як сол аз муассисаи таълимӣ хориҷ карда мешаванд».**

Ҳамчунин тибқи сархати чоруми моддаи 16-и Қонуни ҶТ аз 22 апрели соли 2003 «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» «Ба хонандагон бо идора намудани воситаҳои нақлиёти механикӣ ба муассисаи таълимӣ омадан манъ аст. Хонандагоне, ки бо идора намудани воситаҳои нақлиёти механикӣ ба муассисаи таълимӣ меоянд, аз муассисаи таълимӣ хориҷ карда мешаванд».

**Мувофиқи қисми 16, моддаи 21-и Қонуни ҶТ «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» аз 19 майи соли 2009 «Дар сурати бо идора намудани воситаҳои нақлиёти механикӣ ба муассисаи таълимӣ омадан, донишҷӯ бе ҳуқуқи барқарор шудан ба муҳлати се сол аз муассисаи таълимӣ хориҷ карда мешавад». Меъёрҳои мазкур тамоми муҳассилини муассисаҳои таълимиро водор менамоянд, ки нисбат ба амалишавии ҳуқуқҳои худ, аз ҷумла ҳуқуқ ба таҳсил бетараф набошанд. Агар муҳассилини муассисаҳои таълимӣ худсарона бо идораи воситаи нақлиёти механикӣ ба муассисаи таълимӣ ҳозир шаванд, ба муҳлатҳои гуногун (як ва се сол) аз ҳуқуқ ба таҳсил маҳрум мегарданд. Воқеан, ин ба худи таҳсилкунанда, ҳамчунин ба падару модари ӯ таъсири ниҳоят сахт мерасонад.**

Мақсад аз пурзӯр намудани ҷораҳои мазкур барои муҳассилин дар ин ҷода боло бурдани масъулияти онҳо, аз ҷумла масъулияти волидайни онҳо бобати иҷрои бемайлони талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» мебошад. Тағйиру иловаҳои мазкур дар самти рушд ва таҳкими қонунгузорӣ нақши муҳим мебозанд. Онҳо пеш аз ҳама дар пешгирии содиршавии ҷиноят ва ҳуқуқвайронкуниҳо, таъмини адолати иҷтимоӣ, муҳити маънавии ҷомеа боарзиш мебошанд. Ҷанбаи тарбиявӣ ва ахлоқии тағйиру иловаҳои зикршуда барои мардум аҳамияти хоса доранд. Талаботи мазкур фарҳанги идораи воситаи нақлиётро аз ҷониби субъектони номбурда (яъне муҳассилин, аз ҷумла шаҳрвандон) боло бурда, масъулияти байни онҳоро таҳким мебахшад.

**Боварии комил дорем, ки тағйиру иловаҳои воридгардида ба қонунгузории соҳаи маориф дар баробари муҳассилин, масъулияти волидайни онҳоро баланд бардошта, тарбияро аз ҷониби онҳо дучанд мегардонанд.**

# ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ



Варқаи ЗАЙНИДДИН
ёрдамчии калони прокурори вилояти Хатлон, мушовири адлияи дараҷаи 1

Соҳибихтиёрӣ ва мустақилият барои миллати тоҷик ва давлати хело ҷавони Тоҷикистон тайи 26 соли охир хеле дастовардҳои сиёсӣ ва иқтисодиро ато кардааст. Дар ин қатор кам нестанд дигар проблемаҳои муҳимми иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ, ки онҳо бояд роҳи ҳалли худро ёбанд.

Албатта наметавон, ки ҳамаи проблемаҳоро бо проблемаҳои аз замони шӯравӣ барои мо боқимонда чи дар ҳаёти сиёсӣ ва чи иқтисодӣ дар як рӯз ҳал кард ва хотиррасон бояд намуд, ки тамоми ҷумҳуриҳои собиқи шӯравӣ, аз ҷумла Федератсияи Руссия низ аз чунин «мерос»-ҳои замони шӯравӣ дар канор нестанд.

Барои кишвари мо дар ин давраи муҳимми миллатсозӣ ва бунёди давлати миллӣ зери сиёсати наҷибонаю созандаи роҳбари давлат, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон тарбия намудани инсони нави сазовори давлати миллӣ, демократӣ, дунявӣ ва ягона, бо андешаи мустақилу ифтихори баланди миллӣ чун обу ҳаво зарур аст. Сухан сари он меравад, ки чун кишвари мо мустақил шуд, проблемаҳои нав дар ҷомеа ба вуҷуд омад, ки онҳо бояд аз рӯзи якум сари кор меомаданд. Мутаассифона, ҷанги нолозим ва бемантиқи солҳои 1992-1997 ба миён гузоштани чунин омилҳои барои миллату давлат зарурро ба муҳлати зиёд қафо кашид. Ҳол он ки ҳалли ин проблемаҳо, ба вуҷуд овардани идеяи ифтихори миллӣ, бознигарии саҳифаҳои таърихии миллат (аз ҷумла таърихи диндорӣ ва сарчашмаи имондории миллат) он давра зарурати рӯз буд. Ба ҷои ҷангу ҷанҷол ва гирдиҳамоиҳои бемаънӣ як қишри пуркуввати зиёиёни миллат зарур буд, ки аз ин ҷараёни миллатсозӣ, давлатсозӣ ва ҷомеашиносӣ сари кор мегирифтанд. Азбаски миллат замони шӯравӣ чун миллати пухта нарасида, дар ин асос қишри зиёиёни пуркувати миллӣ вуҷуд надошт, ин корҳо як сӯ монда, мутаассифона, майдондоронe бо қишри бесаводи рӯҳониён ва қишри дигаре бо орзуи пучи барқарор кардани империяи шӯравӣ ба майдон омаданд ва оқибати он имрӯз барои ҳар як фарзанди миллат маълум аст.

Масъала сари он аст, ки баъди пошхӯрии империяи шӯравӣ, идеология ва идеяи миллӣ умуман дар байни тоҷикон вуҷуд надошт. Он идеяҳое, ки пеш гузошта мешуданд, ё хом буданд, ё ҷанбаҳои хоми маҳалгароӣ доштанд ва ё ҳанӯз шакл нагирифта буданд.

Дар қатори чунин омилҳо бешубҳа масъалаи дин, озодии виҷдон меистод. Маълум аст, ки чун истиқлолият ба даст омад, он марзбандӣ ва маҳдудиятҳое, ки кишвари атеистии шӯравӣ то андозае ҷой дода буд, рехта шуд. Ин амал бешубҳа боиси алоқаи бевосита, рафту омади озоди шаҳрвандони кишварро ба хориҷа, аз ҷумла кишварҳои исломӣ ва ғайраҳо зиёд намуд. Дар ин асос ҷопи китобҳо ва махзанҳои динӣ аз сар гирифта шуда, сели китобҳои динӣ, адёни гуногун ба кишвар дохил гашт.

Бо пешравии ҷомеа, пайдо гаштани алоқаи кайҳонии телевизионӣ, телефонҳои мобилӣ, интернет, диску видео ин алоқа вусъати тоза гирифт. Кишвари мо низ ба раванди ҷаҳонишавӣ хоҳ нохоҳ ворид гашт.

Мутаассифона, ин омилҳои ҷаҳонишавӣ бо тарафҳои мусбати хеш тарафҳои сахт манфии худро низ доранд. Пеш аз ҳама адёну гурӯҳҳои мазҳабии гуногун мехоҳанд ва хоҳанд хост, ки равияи худро ба сари мардуми кишвар бор кунанд. Бо ин мақсад тариқи адабиёт, алоқаҳои кайҳонӣ имрӯз корҳои зиёдеро анҷом медиҳанд. Мисоли барҷастаи он ҳамарӯза дар сайтҳои интернетӣ пайдо шудани тафсири оятҳо ва сураҳои гуногуни Қуръони Шариф, ё ин ки тафриқа андохтани байни мазҳабҳои исломист.

Ин навиштаҳо бо забонҳои тоҷикӣ (ҳуруфоти кириллӣ ва форсӣ) буда, ҳис мешавад, ки бо тайёрии махсус аз як марказ идора ва тайёр карда шуда, ба интернет партофта шуда, бо иси ба вуҷуд омадани баҳсҳои пучу бепояе пеш аз ҳама байни ҷавонони тоҷик мегарданд. Ҷавонон фаҳмида-нафаҳмида ба ин баҳсҳои нодаркор ҳамроҳ шуда, ҳама неру, ҳам вақти худро беҳуда сарф намуда, ҳам асаби худро барои соатҳои зиёд хароб месозанд. Бехабар аз он, ки ба ғайр аз хоҷагони «сураи коркарда» дигар на ба ӯ, на ба миллат ва аз нигоҳи иқтисодӣ, ки дар интернет пул сарф мекунад, на ба аҳли оилаи ӯ манфиате нест.

Кор то ҷое рафта расидааст, ки гурӯҳи ҷавонони ноогоҳ миллат идеяи тарғибгарон ва душманони миллати тоҷик, инкори миллат ва танҳо мусулмон буданро тарғиб мекунанд. Омӯзиши ин сайтҳо ва суханони ин ашхос аз тарафи ман чунин бовариро пеш овард, ки ин мардум на дониши динӣ, на дониши дар ҳаёт барои инсон заруртар (дониши дунявӣ надоранд) ва идеали онҳо аз бесаводии ин ашхос онҳоро ба ин ҳол овардa расонидааст. Ҳол он ки ин ҷавонони ноогоҳ аз таърихи миллат, агар зарраe номуси миллӣ, огоҳии хуби таърихӣ медоштанд, мефаҳмиданд, ки маҳз дар зарари 1000 соли бедавлатӣ аз идеологияи исломӣ ҳукмронони турку муғулу арабӣ омада, миллати асосӣ ва миллати аз ҳама зиёдтари Осиёи Миёна – тоҷикро зери ибораи «миллати мусулмон» аз ифтихори миллӣ садҳо фарсах дур намуда, ба як халқияти бо ибораи бадеии устод Чингиз Айтматов «манкурт» табдил додаанд. Ҳокимони давр бошанд ҳадиси набавӣ «Мӯъмин – бародари мӯъмин»-ро шиори худ карда, дар садсолаҳо хуни тоҷикро то зонуи аспонашон резонида (ба ёд биёред хони аштархониеро, ки ба хотири қасамашро нашикастан бо фатвои рӯҳониёни ҷоҳил иморатеро пур аз хуни тоҷик карда, бо асп ба онҷо даромада буд!), шаҳру маҳалҳои ободашро кашида гирифта, қисмати зиёди ӯро гурезонида ба кӯҳу дараҳо танг карда баровaрданд. Дар зарфи 200-300 соли охир бошад, ба номи ин миллати фарҳангӣ ва ба гуфти худаш на тоҷик, балки «мусулмон», тамғаи «барда», «қул»-ро арзонӣ доданд! Ҳол он, ки таърихи халқҳои Осиёи Миёна, Хуросон, худи кишварҳои арабӣ ёд надорад, ки ин мардумӣ аз лиҳози фарҳанг аз миллати тоҷик хело дар сатҳи қафо ҷой гирифта, як рӯз ҳам бошад калимаи «мен турк», «муғул» ё «араб»-ро фаромӯш сохта бошанд. Ин калимаҳо барои ин халқҳо асрҳо боз ифтихор ҳисоб мешуданд ва ҳоло низ чунин аст!

Сабаби асосии ба чунин аҳвол гирифтор шудани тоҷикро ман дар идеологияи қабилаҳои ками бодиянишин ва ҳукмрон, ки сиёсат дар дасти онҳо буд мебинам, на чизи дигар! Чун халқи ҳукмрон ақаллият буд ва шамшер дошт, дар байни миллати аз ҳама сершумори минтақа – тоҷик, пеш аз ҳама бо шамшер ва истифодаи идеологияи динӣ бо мақсади нигоҳдории тахту тоҷ (ҳамон тахту тоҷе, ки аз Оли Сомон) канда гирифта буд, ҳукмронӣ намуданд (инҷо дар хусуси фатвою хиёнати рӯҳониёни Бухоро бо сарварии шайхулислом дар моҳи октябри соли 999, ки бо фатвояшон миллати озодагонро аз муқовимат дар муқобили аҷнабиёне чун Насри Қарахонӣ ва Сабуктегин берун кашида, барои 1000 соли минбаъда давлатдориро барои қабоили аҷнабӣ таъмин карда, худ дар вазифаҳояшон боқӣ монданд, чизеро намегӯем)!

Натиҷа он шуд, ки соли 1924 ин миллат бо ҳазорон мадраса ва ҳазорон муллабачаҳои сершумори бесаводи худ зимни тақсимоти марзию бумӣ аз ҳама нуктаҳои фарҳангии худ ҷудо гашт. Зеро маҳз сиёсати манкуртии ҳазорсолаи охир ба сари ин миллат тариқи мадрасаҳо ва рӯҳониён бор карда, ӯро аз шинохти миллати худ дур карда, ба шабеҳае табдил дода, як сиёсатмадори бузург, як олими дунявии таърихдоне дар ибтидои асри XX, аз дохили худи ин миллат пайдо нагашт, ки ба қишри ҳукмрони болшевикӣ доири ин миллат бо забони илм сухан карда, аз ҳаққу ҳуқуқҳои он дифоъ кунад!

Ҳол он ки ин миллат дар ҳамон ибтидои солҳои XX-уми асри гузашта, аз лиҳози миқдор ни-

# ШАРҲИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО



Анвар САФАРЗОДА
мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ

Лоиҳаи Қонуни ҶТ «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии ҶТ» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат пешниҳод гардидааст.

Чи тавре ки аз мазмуни Қонуни ҶТ «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии ҶТ» бармеояд мақсади умумии қабули Қонуни мазкур пурзур намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт ба шумор меравад. Тавре ки маълумотҳои оморӣ нишон медиҳанд сол то сол дар мамлакат сатҳи содиршавии ҳодисаҳои нохуши нақлиётӣ зиёд гардида, дар натиҷа ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон поймол мегарданд. Дар давоми соли сипаригардида дар мамлакат аз садамаҳои нақлиётӣ 427 нафар ба ҳалокат расида, зиёда аз 1419 нафари дигар, аз ҷумла кӯдакон маҷрӯҳ гардидаанд.

Бинобар ин, мақсади қабули қонуни мазкур ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятӣ ба якчанд маҳакҳо вобастагии ногусастанӣ дорад:

- чи тавре ки дар боло қайд намудем, пеш аз ҳама мақсади асосии қонуни мазкур пурзур намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ дар самти ҷиноятҳо дар соҳаи нақлиёт буда, ҳадафи асосии он паст намудани содиршавии ҳодисаҳои нохуши нақлиётӣ дар мамлакат мебошад. Махсусан, баланд бардоштани ҳадди болоии ҷазои маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян аз як то бист сол, ки дар моддаи 50 КҶҶТ пешбинӣ гардидааст, муқаррар намудани ҷазои ҷарима ба андозаи аз панҷсад то ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол вобаста ба моддаи 212 (2) ;

- ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз таҷовузҳои ҷиноятӣ, ки вобаста ба ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт ба вуҷуд меоянд. Конститутсияи ҶТ, Кодекси ҷиноятӣ ва дигар санадҳои қонунгузорӣ ҳаёт ва саломатии инсонро дар мадди аввал мегузоранд ва барои ҳифзи он меъёрҳои мустақим пешбинӣ менамоянд. Дар сурати вайрон кардани талаботи мазкур шахс ба ҷавобгарӣ, аз ҷумла ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад;

- муқаррар намудани меъёри нав дар самти ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт, аз ҷумла илова намудани қисми 4 ва 5 ба моддаи 212;

- паст намудани сатҳи содиршавии ҷиноятҳо дар самти ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт;

- таъмини адолати иҷтимоӣ;

- пешгирии содиршавии ҷиноятҳо дар самти ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт;

- пешгирӣ намудани ҳолатҳои идораи воситаҳои нақлиёт аз ҷониби шахсоне, ки дар ҳолати мастӣ қарор доранд ё ҳуқуқи идораи воситаи нақлиётро надоранд, ки ба ин васила низ сатҳи чунин ҷиноятҳо рӯ ба коҳиш мениҳад. Маълумотҳо нишон медиҳанд, ки дар бештар маврид сабаби асосии сар задани чунин ҳодисаҳои нохуш ин дар ҳолати мастӣ ва ё бе ҳуҷҷати ронандагӣ идора намудани воситаҳои нақлиёт мебошад. Аз ин рӯ, барои пешгирии содиршавии чунин ҳодисаҳо зарурат ба вуҷуд омад, ки қонунгузории ҷиноятӣ дар ин самт мукаммал гардонида, ҷавобгарии ҷиноятӣ пурзур карда шавад.

Дар ин замина, дар асоси Қонуни ҶТ «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии ҶТ» ба моддаҳои 50, 212 ва 212 (2) Кодекси ҷиноятии ҶТ тағйироту иловаҳо дар таҳрири нав пешниҳод гардидаанд. Аз ҷумла, талаботи қисми 2 моддаи 50 Кодекси ҷиноятӣ ҷавобгарии ҷиноятиро дар намуди маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян (аз ҷумла аз ҳуқуқи идораи воситаҳои нақлиёт) барои қасдан содир намудани ҷиноят аз як

# ВА ТААССУБГАРОӢ

сбати дигар миллатҳо зиёдтар буд! Гузашта аз ин ҷараёнҳои пантуркистӣ ва панисломистӣ, чун ба мақсади ниҳоии худ зуд расида натавонистанд, пантуркистон зери сояи панисломизм ин миллати соддаро фиребида, барои бародарони ҳамхуни худ замини ободи зиёдеро ба даст оварданд. Баъди «табартақсим» бошад, ибораи «муъмин бародари муъмин» барои онҳо заррае дигар ба кор намерафт. Ҳатто забони тоҷикӣ-форсӣ, забони давлатию коргузорӣ ва фарҳангии ин минтақаро, ки ҳазор соли охир забони илм, дарбор ва мукотиба буд аз байн бурда, барои сухане гуфтан бо ин забон ҷарима муқаррар карданд! Мана чунин аст натиҷаи идеологияи панисломизм ва аз худ бегонашавӣ!

Сабабашро бори дигар меҷӯем, ин идеологияи арабӣ-туркӣ-муғулии истифодаи дин аз тарафи қабилаҳои кӯчист, ки дар сиёсати худ барои пешгирии ибораи «ман тоҷик» гуфтан ва тариқи «исломи ноб» идора кардани тоҷик буда, на чизи дигар!

Ин қавмҳо ҳама вақт манфиатҳои қабила, улуси худро боло донистаанд ва хоҳанд донист ва бо ин васила ҳукмронии худро таъмин кардаанд ва хоҳанд кард. Дур намеравем, соли 1992 баъди ҷангҳои тӯлонӣ дар Афғонистони ҳамсоя аввалин шуда, устод Рабонии равоншод ва шаҳид Аҳмадшоҳи Масъуд дар Афғонистон Кобулро ишғол намуда, давлати исломиро созмон доданд, лекин қувваҳои паштунӣ ва туркгарои Ҳикматёр, Дӯстум ва толибони паштун ин ҳукуматро напазируфта, бе ягон асос ба ин ҳукумат ҳамлавар шуданд. Сабаб маълум аст, дар сари давлат бояд тоҷик набошад! Ин ҷо идеяҳои ҷанги 14-сола бо шӯравӣ барои сохтани давлати исломӣ ба як тангаи сиёҳ назди манфиатҳои миллӣ наарзид ва манфиати миллати паштун боло гирифт!

Мақсади мисолҳои оварда хонандагони азиз аз он аст, ки мо бояд аз гузаштаи нохуш ва фоҷиабори миллати худ дарси ибрат гирем. Мисли турку арабу муғул аз дин чун хидматгори беминнати давлату миллат истифода барем. Дар акси ҳол зери идеологияи пучи «ба ном исломӣ» моро фиреб хоҳанд дод. Мисоли барҷастаи он пайдо гаштани баҳсу мунозираҳои бепояи фарзандони тоҷик дар сайтҳои интернатӣ ва ҳатто нашрияҳо оид ба «миллати мусулмон» ва инкори миллати тоҷик рафта истодааст. Яъне сиёсати дурӯғини ҳозор соли бедавлатӣ дар нисбати тоҷик ба кор бурдаро душманони ин миллат боз рӯи кор оварда истодаанд.

Тайи 26 соли Истиқлолияти давлатӣ қонуну санадҳои зиёди ҳуқуқӣ оид ба озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ қабул гашта, он дар Конститутсияи кишвар низ мустаҳкам карда шудааст.

Дар ин асос вобаста ба таъсири ҷаҳонишавӣ ва алоқаҳои кайҳонӣ, ҷанги идеологии ҳамарӯза фикр мекунам, ки бо мақсади пешгирии мағзкушии ҷавонон бояд корҳои зиёдеро анҷом дод.

Алалхусус пайдо шудани давлати ғайриқонунии ДИИШ (меваи Ғарб) ба ҷангҳои бемаънӣ пайвастани ҷавонони ноогоҳу бесаводи тоҷик тариқи ин гурӯҳҳои террористӣ ва ифротгаро лозим аст, ки ҳарчи тезтар бояд пеши ин ҳаракатҳо ва мағзшӯии ҷавонон гирифта шавад.

Яке аз омилҳои зиёди манқуртшавии миллат дар ҳазор соли охир зиёд чоп шудани адабиёти динӣ мебошад. Қисмати азими онҳо бешубҳа адабиёте ҳастанд, ки зери низому режими сиёсии ҳукмронони аҷнабии давр офарида шудаанд. Таассубгарӣ дар байни миллатҳои дигари Осиёи Миёна камтар аст, зеро бо забонҳои онҳо камтар асарҳои динӣ офарида шудааст. Аз ин рӯ, ҳангоми тавсияи чопи чунин китобҳо бояд диққат дод.

Ба андешаи ман чун миллатро зери ибораи «миллат бародари мӯъмин аст» кор мефармуданд ва ин миллат теғ ва муҳр надошт, наметавонист, ки ҳадиси пайғамбари ислом «муъмин бояд худро хор накунад»-ро ба кор барад. Идеологияи динии туркӣ-исломии Осиёи Миёна аз чунин ашхоси хунхуру қассоби тоҷикон Сабуктегин ва Темурланг ҳазрат метарошид ва бешак навиштаҳо бо забони форсӣ буда ва чун ҳукмрони давр буданд танҳо аз таърифу тавсифи онҳо иборат буданд. Имрӯз бархе аз муллоҳои чалласаводи аз фаҳмиши таърих дур ба таърифи онҳо машғуланд ва ин масъала бояд бознигорӣ шавад. Умуман таърихи ҳаракати исломии Осиёи Миёна дар 1000 соли охир нишон медиҳад, ки ҳаракатҳои исломӣ ва пеш аз ҳама исломи сиёсии ин минтақа бештар аз ҳама ҷанбаи туркӣ ва арабӣ дошта, ҳеҷ гоҳ ва дар ҳеҷ давру замон ба манфиати миллати мо нест. Дар ин асос ба болои ҷамъияти тоҷик ташкил кардану интиқол додани ҳизбу ҳаракату ҳар гуна наҳзатҳои исломӣ ба манфиати миллату давлати мо ҳеҷ гоҳ нахоҳад буд! Аз ин рӯ, аз байн бурдани ҳизби наҳзати ба ном исломии кишвар бешаку шубҳа ба манфиати миллати тоҷик аст! Баъдан маҳз чунин ҳаракату наҳзатҳои динӣ аз замони сарнагуншавии Оли Сомон то замони соли табартақсими 1924 он гуна хиёнатеро ба миллат раво дидаанд, ки дигар касе ҳуқуқии маънавии ташкили чунин ҳизбу гурӯҳҳоро надорад! Барои боз ҳам таҳким бахшидани Истиқлолият ва пояҳои давлатдории миллӣ пешниҳод менамоям:

- Таърихи адён ва аз ҷумла таърихи ислом аз нигоҳи ақлонӣ бе ташбеҳу истиора ва афсонаҳои «бобоӣ» бояд дар мактабҳои миёна омӯзонида шавад.

- Моддаи махсус дар Кодекси ҷиноятии ҶТ нисбати инкори миллати тоҷик ва истифодаи «танҳо миллати мусулмон» бояд дароварда шавад.

- Вақти он аст, ки лоиҳаи ягонаи масҷидҳои тоҷикӣ корбаст карда шуда, дар дохил ва беруни он ашъори Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Низомӣ, Саъдӣ Аттор, Румӣ, Ҳофиз, бо ҳарфҳои калон ва намоён навишта шаванд. (Дар Чин масҷидҳо бо суроби аждаҳо – рамзи миллии чиноиҳо нақшинкорӣ гаштаанд!).

- Баъди намоз муддати 5-10 дақиқа порчаҳо аз эпоси миллии мо «Шоҳнома» ё дигар асарҳои худшиносии миллӣ ва ҳувияту ғурури тоҷиконадошта дар қироати умумӣ хонда шавад. Ин метавонад ифтихори миллиро баланд бардорад.

- Баҳри аз байн бурдани «назарияҳои бобоӣ»-и «паридани тобути бобо» ва «аз осмон фуромадани гаҳвораи момо» ва дигар амалҳои дурӯғин дар сатҳи ҷумҳурӣ бо истифодаи рӯҳониёни босавод бояд чора андешида шавад.

- Ба объектҳои таърихӣ боақлона бояд муносибат кард. Номҳои кӯҳҳои Хоҷасартез, Хоҷамастон, Чилдухтарон, Чилучорчашма ва дигар объектҳои ҷуғрофӣ аз лиҳози ақлонӣ ва бо санадҳои илмӣ, миллӣ ва таърихӣ тариқи ВАО ба мардум фаҳмонида шаванд, вагарна рӯҳониёни ҷоҳил бо нақлу ривоятҳои беҳад дурӯғини худ онҳоро ба омад-омади араби бадавӣ омезиш медиҳанд, ҳоло он ки ҳақиқат ҳеч гоҳ чунин набуд!

- Муқобили ҳаракати пинҳону ошкорои нимчамуллоён бар зидди номҳои ориёӣ (ин амалҳои нангин чандин сол боз кушоду пинҳонӣ давом карда, ҷанбаи панарабизм ва салафия дошта, бо дини ислом муносибате надоранд ва ин амалро саҳл мапиндоред!) тамоми чораҳои амалӣ андешида шавад.

- Баҳри баланд бардоштани савияи ҷаҳонбинии рӯҳониён ва дониши дунявии онҳо ва бархӯрдор гаштани онҳо аз донишҳои таърихи ҷаҳонӣ, иқтисодиёти ҷаҳонӣ, фалсафаи халқҳои ҷаҳон, илмҳои кимиё, физика ва ситорашиносӣ, биология, ҷуғрофияи ҷаҳонӣ чораҳо бояд андешид.

- Мисли Калисои православии Рус, Калисои Арманӣ ва таҷрибаи ҳазорсолаи давлати Россия китоби махсуси муфтиёти Тоҷикистон ташкил ва гузаштагони пурифтихори миллат ва он ашхосе, ки ҳоло ҷонфидоӣ мекунанд бо номи ашхоси «муқаддас» дохил ва шинохта шаванд.

- Ташкили доимӣ ва рафту омад ба мазорҳою минтақаҳои сайругашти бузургони миллат чун устод Айнӣ, Лоҳутӣ, Б.Ғафуров, М.Турсунзода ва дигарон ташкил карда шуда, фарҳанги посдории бузургон барои қишри ҷомеа омӯзонида шавад. Мутаассифона бо ҳама бузургиямон имрӯз чунин фарҳанг надорем!

- Ташкили клубҳои сиёсии замони шӯравӣ дар нуқтаҳои аҳолиниши деҳот имрӯз аз фоида холӣ нахоҳад буд!

# БА КОДЕКСИ ҶИНОЯТӢ




то даҳ сол ва барои ҷинояти аз беэҳтиётӣ содиршуда аз як то панҷ сол пешбинӣ менамуд. Тибқи қонуни дар боло зикргардида меъёрҳои қисми 2 моддаи 50 дар таҳрири зерин ифода меёбанд:

“Маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян аз як то бист сол муқаррар карда мешавад”. Аз ин бармеояд, ки новобаста аз қасдан ё беэҳтиётӣ содир намудани ҷиноят ҷавобгарии ҷиноятӣ аз як то бист сол муқарар карда мешавад.

Ба моддаи 212 бошад, меъёрҳои нав, яъне қисми 4 ва 5 илова гардида, ҷавобгарии ҷиноятиро барои кирдорҳои пешбинамудаи қисми якуми ҳамин модда, ки аз тарафи шахси дар ҳолати мастӣ қарордошта ё шахсе, ки ҳуқуқи идора намудани воситаи нақлиётро надорад, содир карда шуда, аз беэҳтиётӣ боиси марги инсон ё расонидани зарари вазнин ба саломатии инсон гаштааст, пешбинӣ менамояд.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани ҷинояти дар қисми 4 моддаи 212 муқарраргардида ба таври зайл пешбинӣ гардидааст: маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то даҳ сол  бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати даҳ сол ҷазо дода мешавад.



Эмомалӣ МИРАЛӢ
ассистенти кафедра

Қисми 5 моддаи 212 бошад, барои чунин ҳаракатҳои дар боло зикргардида, ки аз беэҳтиётӣ боиси марги ду  ва ё зиёда шахсон гардидааст пешбинӣ менамояд, ки ҷазо барои он ба муҳлати аз даҳ то понздаҳ сол бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян ба муҳлати аз даҳ то бист сол ҷазо дода мешавад.

Инчунин дар ин раванд ба санксияи моддаи 212 (2), яъне идора кардани воситаи нақлиёт аз тарафи шахсе, ки ҳуқуқи ронандагӣ надорад ва дар ҳолати мастӣ қарор дорад, тағйирот ворид карда мешавад. Тибқи таҳрири нав мазмуни санксияи моддаи мазкур чунин ифода меёбад: “бо ҷарима ба андозаи аз панҷсад то ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад”.

Тавре маълум аст, лоиҳаи Қонуни мазкур барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои шахсият, ҷомеа ва давлат аз таҷовузҳои ҷиноятӣ равона гардида, дар як маврид метавонад таъсири худро вобаста ба сатҳи камшавии ҳодисаҳои нохуши нақлиётӣ расонад ва дар ин замина ҷони садҳо нафарро аз марг наҷот диҳад.

# ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА ҶАВОНОН

Аслан санаи 9 сентябр дар ҳаёти кишвари азизамон санаи басо ҳам фараҳ¬¬бахш ва хотирмонест, ки онро дар саҳифаҳои китоби таърихи миллатамон бо ҳарфҳои заррин сабт намудаанд. Баъди пош хӯрдани давлати абарқудрати Шӯравӣ қадами басо ҳам муҳим дар роҳи расидан ба истиқлолият ин қабули Эъломияи соҳибихтиёрии Тоҷикистон буд, ки он 24 августи соли 1990 ба имзо расид. Санаи 9 сентябри 1991 бошад, ҶТ соҳибихтиёрии худро расман эълон кард. Минбаъд Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил дар харитаи сиёсии ҷаҳон арзи ҳастӣ намуд ва он ҳамчун узви комилҳуқуқу ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз тарафи давлатҳои ҷаҳон, алалхусус созмону ташкилотҳои бонуфузи ҷаҳонӣ расман шинохта шуд. Дар як вазъи ногувору ноором ва хеле ҳам вазнин тоҷикон ва тоҷикистониён тавонистанд соҳиби давлату миллати ягонаи худ гарданд, ки ин боиси ифтихор ва сарбаландии мо ҷавонон аст. Барои мо ҷавонон танҳо донистани он ки мо зодаи ин кишвари биҳиштосову тамаддунофарем боиси ифтихор аст. Мо сарфароз аз онем, ки вақте саҳифаҳои таърихи ватанамонро варақгардон менамоем дар он танҳо фидокорию ҷавонмардӣ, заковату донишмандӣ, ҷаҳондонию ҷаҳонофаридиҳои ҷавонмардон ва шоирону нависандагони безаволро дармеёбем. Шукргузор аз дирӯзу имрӯзем, ки новобаста аз давру замон мо миллат офаридем ва мо як миллатем. Аз дирӯз то имрӯз дар канори ватани азизамон ҳазорон ҷавонон ҳамчу дурдонаҳои ноёби сайёра ба воя расиданд, дунё аз шуҳрати онҳо ва бузургии модарони мо огаҳӣ пайдо намуд. Мо тавонистаем ба ҷаҳониён давлатдории бузургу пур аз тамаддунро, ки ном Сомониён аст, пешкаш кунем. Мо миллатем, ки баъд аз қарнҳо ба Истиқлолият расидем, аз нав соҳиби давлату давлатдорӣ гаштем. Соҳибихтиёрӣ барои мо мардуми тоҷик ин қадами нахустин ва устувор гардид. Лек расидан ба истиқлолият дар он вақт маънои расидан ба истиқлолияти комил дар тамоми соҳаҳо набуд. Истиқлолият танҳо он калиде буд, ки ба рӯйи мардуми мо дареро боз намуд, ки паси он пур аз умеду орзу, хушбахтиву хушрӯзӣ ва албатта, пур аз имтиҳону душворӣ буд. Шукр аз файзи истиқлолият, аз баракати модарони дастбардуову муъҷизаофар, ки ба сари мардуми мо нури Раҳмон омад. Маҳз фазои амнияту оромӣ ва истиқлолияти кишвар буд, ки ҶТ 6 ноябри соли 1994 Конститутсияи нави худро қабул намуд ва дар як мавриде ба майдони сиёсат Эмомалӣ Раҳмон ворид гардида, ҳамчун сарвари тозаинтихоб аз пайи иҷрои ваъдаи додаи худ гардид ва мардуму миллати тоҷикро аз вартаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандии хонумонсӯз наҷот дода, моро ба Ваҳдати миллӣ расонид, ки ин сулҳи мо тоҷиконро ҷомеаи ҷаҳонӣ то ҳол ҳамчун таҷрибаи расидан ба сулҳ меомӯзанд. Барои мо, Истиқлолияти кишвар мисли ҳаво, обу хокест, ки бе он ҳаёти мо маъное надорад. Истиқлолият барои мо ин кӯдакии беғаму беолоиш, аллаҳои ширини модаронамон, даврони мактабии пур аз талошу донишомӯзиҳо, замони донишҷӯии пур аз ормону интизориҳост. Мо ҷавонон ба қадри ин ҳама бештару бештар мерасем, зеро мо ҳамқадами истиқлолияти Ватан мебошем. Мо медонем, ки ҷавонӣ на танҳо баҳори умри инсон аст, балки он калиду вақтест, ки тамоми умри минбаъдаи мо аз он вобастагӣ дорад. Бале, Истиқлолияти ватани азизамон ба мисли мо ҳоло ҷавон аст, лек мо бояд тамоми кӯшиши худро ба харҷ диҳем, то ки дар ин айём пойдеворӣ нақшаҳои асосиву ҳаётан муҳимми халқу миллатро гузорем ва ҳарчи бештар кӯшиш кунем то ба қадри имкон ин нақшаҳоро бо восита аз неруи ҷавононамон ба сомон расонем. Ба ин маънӣ сарвари давлат низ хеле хубу ба маврид гуфтаанд: «Ҷавонон ояндасози миллатанд».



**Азиза БУРҲОНОВА**
**донишҷӯи соли 2 (МБХ)**

# МОЛИКИЯТИ ЗЕҲНӢ – ТАҲТИ ҲИМОЯИ ҚОНУН

Дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ дар ҶТ дигаргуниҳои куллӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ба вуқӯъ пайваст. Тоҷикистон тадриҷан ба марҳилаи инкишоф ва бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд қадамҳои устувор гузошт ва заминаи қонунгузории худро дар асоси моликияти зеҳнӣ бунёд намуда, шомили муҳимтарин созишномаву шартномаҳои байналмилалии ин соҳа гардид. Дар шароити густаришёбии бозори сармояи зеҳнӣ ҳифзи бехатарӣ ва манфиатҳои миллӣ бениҳоят зарур мебошад. Инкишофи иқтисоди бозорӣ бе ташаккули бозори моликияти зеҳнӣ имконнопазир мебошад, зеро дар ҳазорсолаи нав боигарии асосии давлат на захираҳои табиие мебошанд, ки ҳоло дар раванди баохиррасӣ қарор доранд, балки маҳз натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ мегарданд. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар шароити хоҷагии нақшавии ИҶШС бозори моликияти зеҳнӣ вуҷуд надошт. Ин шакли бозор дар Тоҷикистон дар шароити гузариш ба ташаккулёбии инфраструктураи бозорӣ арзи вуҷуд кардааст, ки ҳоло дар марҳилаи ибтидоии ташакулёбии худ қарор дорад.

Ба сифати сарчашмаи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ пеш аз ҳама Конститутсияи ҶТ, Кодекси граждании ҶТ ва қонунҳои алоҳида баромад менамоянд. Ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ дар моддаи 40 Конститутсияи ҶТ чунин дарҷ гардидаст: “Моликияти зеҳнӣ таҳти ҳимояи қонун аст”.

Моликияти зеҳнӣ яке аз институтҳои ҳуқуқи гражданӣ ба шумор меравад. Бинобар ин, дар Кодекси гражданӣ (қисми 3) фасли 5-уми он ба моликияти зеҳнӣ бахшида шуда, он аз моддаҳои 1125 то 1137-ро дар бар мегирад. Мафҳуми моликияти зеҳнӣ дар қисми 1 моддаи 1125 чунин дарҷ гардидааст: “Моликияти зеҳнӣ ин ҳуқуқҳои амволӣ ва (ё) ғайриамволии шахсӣ нисбат ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, воситаҳои фардикунонии иштирокчиёни аҳдҳои гражданӣ, фардикунонии маҳсулот, корҳо ё хизматрасонии иҷрошаванда (воситаҳои фардикунонӣ) ва ҳамчунин объектҳои дигари ба онҳо баробаркардашуда мебошад”.

Дар асоси моддаи 1126 Кодекси Гражданӣ объектҳои моликияти зеҳниро ба намудҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

1) натиҷаҳои фаъолияти эҷодии зеҳнӣ: асарҳои илмӣ, санъат ва адабиёт, аз ҷумла барномаҳо барои мошинҳои электронии ҳисоббарор, барномаҳои компютерӣ ва маҷмӯи маълумот; иҷро намудан, фонограммаҳо, ташкили намоиши эфирӣ ё намоиши кабелӣ; ихтироот, моделҳои муфид, намунаҳои саноатӣ; дастовардҳои селексионӣ; топологияи микросхемаҳои интегралӣ; маълумоти дорои сирри хизматӣ ё тиҷоратӣ.

2) воситаҳои фардикунонии иштирокчиёни аҳдҳои гражданӣ, молҳо, корҳо ва хизматрасонӣ: номи фирмавӣ; тамғаи молӣ ва тамғаи хизматрасонӣ; номи маҳалли истеҳсоли мол ва нишондоди истеҳсолӣ.

3) натиҷаҳои дигари фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои фардикунонии ба онҳо баробаркардашуда, ки мутобиқи қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи ҶТ ҳифз карда мешаванд.

Дар асоси қарори Ҳукумати ҶТ чунин мақомоти ваколатдор дар соҳаи моликияти зеҳнӣ фаъолият менамоянд:

1.Вазорати фарҳанги ҶТ мақоми ваколатдор дар бахши асарҳои илмӣ, бадеӣ ва санъат буда, ҳимояи ҳуқуқи муаллифро анҷом медиҳад.

2.Муассисаи давлатии “Маркази миллии патенту иттилоот”-и назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ мақоми ваколатдор дар бақайдгирии ихтироот, намунаи саноатӣ, тамғаи ратсионализаторӣ ва топологияи микросхемаи интегралӣ буда, ҳимояи онҳоро анҷом медиҳад.

3.Комиссияи байниидоравии давлатӣ оид ба муқаррар намудани дастовардҳои селексионии Вазорати кишоварзии ҶТ мақоми ваколатдор оид ба ташхис, бақайдгирӣ ва ҳимояи дастовардҳои селексионӣ мебошад.

Барои танзими ҳуқуқии муносибатҳои ба ин соҳа вобаста дар ҶТ номгӯи чанд қонунҳо, аз ҷумла Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он” аз 13 ноябри 1998, №726; “Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ” аз 10 майи 2002, №51; “Дар бораи намунаҳои саноатӣ” аз 28 феврали 2004, №16; “Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ” аз 5 марти 2007, №234 ва дигар қонунҳое, ки пурра ё қисман моликияти зеҳниро ҳифз мекунанд, қабул ва мавриди амал қарор дода шудаанд. Дар баробари санадҳои дохилидавлатӣ моликияти зеҳнӣ дар санадҳои байналмилалӣ ба монанди: Конвенсияи Париж оид ба ҳифзи моликияти саноатӣ аз 20 марти соли 1983, Конвенсияи Берн оид ба ҳифзи асарҳои адабӣ ва бадеӣ аз 9 сентябри соли 1986, Конвенсия оид ба таъсиси Созмони умумиҷаҳонии моликияти зеҳнӣ ва Созишномаи Нитса оид ба таснифи байналмиллалии молҳо ва хизматрасониҳо ҷиҳати бақайдгирии тамғаҳо аз 15 июни соли 1957 ва монанди инҳо дарҷи худро ёфтаанд.



**Саидакмал АБДУЛЛОЕВ**
**донишҷӯи соли 3,**
**ихтисоси ҳифзи ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ**

Ба мафҳуми умумиаш “моликияти зеҳнӣ” ҳуқуқи муваққатии истисноӣ ба маҳсулоти фаъолиятҳои ақлонӣ ё воситаҳои фардиятбахшиест, ки аз тарафи қонун ҳимоят мешаванд. Қонун монополияи (инҳисори) муаллифонро ба шаклҳои муайяни истифодаи фаъолияти зеҳнӣ ва эҷодии онҳо муқаррар мекунад ва талаб дорад, ки маҳсулот аз тарафи ашхоси дигар танҳо бо иҷозати муаллифон мавриди истифодаи муайян қарор гирад.

# МАСУНИЯТИ ДИПЛОМАТӢ АЗ ДИДГОҲИ ТАМАДДУНИ ШАРҚӢ



**Достон АСОЗОДА**
**донишҷӯи соли 4,**
**ихтисоси муносибатҳои**
**байналмилалӣ (ҳуқуқ)**

Масунияти дипломатӣ яке аз асосҳои муҳимтарини фаъолияти пурсамари давлатҳо дар амалӣ намудани равобити байналмилалӣ буда, ба дипломатҳо шароит фароҳам меорад, ки худро комилан дар давлати будубош дар шароити бехатар ва орӣ аз таъқибнамоиву ҷазо эҳсос намуда, масъулияти ба зиммаашон гузошташударо озодона иҷро намоянд. Аслан мафҳуми масунияти дипломатӣ ё худ «иммунитет» бо пайдоиши мафҳуми дипломатия алоқаи зич дошта, ба андешаи гурӯҳе аз олимон ҳанӯз дар асри XV дар даврони дипломатияи анъанавӣ, аниқтараш соли 1453 арзи ҳастӣ намудааст ва кодификатсияи расмии он бошад, дар даврони дипломатияи муосир баъд аз баргузоршавии Конференсияи Вена соли 1961 сурат гирифтааст.

Агар бо чашми хирад ба умқи таърих назар афканем кодификатсияи воқеии масунияти дипломатӣ на ба соли 1961, балки ба ба тамаддуни шарқӣ, аниқтараш асри 7 даврони пайдоиши ислом, нозилшавии Қуръони Маҷид ва оғози даъвати Паёмбари гиромӣ Муҳаммад (с) рост меояд, ки бо бастани шартномаҳо бо Ал-Ансор (мардуми кӯмакрасони Мадина) ва Ал-Муҳоҷирун (мардуми муҳоҷир аз Макка), оғози миссияи дипломатӣ бо даъват кардани шоҳони Рум, Форс ва дигар роҳбарони олимартабаи қабилаҳои мухталифи араб барои қабули ислом асоси худро пайдо намудааст. Илова бар ин Муҳаммад асосгузори дипломатияи беназире мебошад, ки қонунгузори он Худованди якто ва сарчашмаи он Қуръони Карим буда, амалисозандаи он шахсияти олӣ, яъне – Паёмбари гиромист.

Сарчашмаҳои асосии баёнкунандаи масунияти дипломатӣ вобаста ба қонуни Шариат чун қоида сарчашмаҳои аввалиндараҷа ба монанди Қуръон ва Суннат ва сарчашмаҳои дуюминдараҷа Иҷмаъ, Қиёс, Урф, Истиҳсон ва дигарон мебошанд. Қуръон ҳамчун сарчашмаи аввалиндараҷа масъалаи масунияти дипломатиро дар худ таҷассум намуда, Худованд ба Расули Акрам дар сураи «Тавба» ояти 6 мефармояд: «Ва агар касе аз мушрикон аз ту талаби амон кунад, пас ӯро амон деҳ, то каломи Худоро бишунавад, сипас, ӯро ба ҷои эминии вай бирасон. Ва ин ба сабаби он аст, ки онҳо гурӯҳе ҳастанд, ки намедонанд».

Маънии ояти мазкур дар тафсири Қуръон чунин омадааст, ки Худованд ба Паёмбараш амр медиҳад, агар ҳар касе аз кофирон, онҳое, ки амр шудааст, ки бо онҳо ҷанг бисозӣ ва молу амволашонро ҳамчун ғанимати ҷанг ишғол намоӣ аз ту талаби амон намоянд, пас ба ӯ бехатариву ҳимояро таъмин намо то каломи Худоро бишунавад ва воқеиятро дарёбад, сипас ӯро ба ҷову маконаш бехатар бирасон. Маҳз аксарияти уламои ислом калимаи «Ал-амон»-ро ба сифати калимаи «масуният», ки имрӯз дар дипломатия маъруф аст, маънидод менамоянд. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки кодификатсияи воқеии масунияти дипломатӣ ҳанӯз 1400 сол муқаддам дар Қуръони Карим сурат гирифтааст.

Воқеан амалияи ояти мазкурро метавон дар рафтори Паёмбари ислом ҳангоми бастани шартномаи Ҳудайбия бо аҳли саркаши Қурайш дид, ки намунаи олии ҳимояи масунияти дипломатӣ мебошад. Гурӯҳе аз фиристодагони Қурайш аз қабили Урва ибн Масъуд, Макриз ибн Ҳафс, Суҳайл ибн Амр, ки бояд бо паёмбар барои бастани сулҳи Ҳудайбия гуфтушунид менамуданд, аз ҷониби расули Худо ва саҳобагони ӯ чунон муносибати накӯ, эҳтиром ва пешвозгирии самимиро дарёфтанд, ки қалбҳои онҳоро такон дод ва баъд аз бозгаштан ба сӯи мардуми хеш чунон таассуроти нек доштанд, ки ин сирати пок ва дипломатияи хирадмандонаи ҳабиби Худо онҳоро моил намуд, ки ба покии дини мубини ислом бовар намоянд ва онро бипазиранд.

Сарчашмаи дигари ҳимояи масунияти дипломатӣ ин ҳадисҳои паёмбар мебошанд, ки барои уммати ислом арзиши воло дошта, аз ҷониби мусалмонон риоя карда мешаванд. Мувофиқи гуфтори Ибн ал-Қайим ал-Ҷаозияҳ: «Паёмварандагон ва сафирон аз ҳайати душманони ӯ одат доштанд, ки ба назди ӯ биёянд. Ба ин нигоҳ накарда, ки он сафирон бо паёмбар душманона муносибат мекарданд, Ӯ ҳеҷ гоҳ ба онҳо ҳуҷум накардаву онҳоро накуштааст». Ин далел аз он аст, ки дар даврони паёмбар худи эшон ба кишварҳои дигар сафирони худро фиристодаву шоҳони давлатҳои мухталиф низ аз ҳимояи сафирони хеш дар қонуни шариат огаҳ буданд ва онҳоро бе мамониат ба сӯи расули Худо мефиристоданд. Паёмбар қоида ва одати мустаҳкамеро пас аз худ ба мусалмонон боқӣ мондаанд, ки сафирон ва паёмварандагони кишварҳои хориҷӣ ҳатто ҳангоме, ки гуфторҳои таҳқиромез ва ҳақоратомез раво мебинанд, бояд мавриди ҳабс шиканҷа ва ҷазо қарор дода нашаванд. Ба ҳамин мазмун ҳадисҳо аз ҷониби Ибни Масъуд баён гардидааст, ки ҳабиби Худо фармудаанд: «Ман ба Худо ва Паёмбарони ӯ бовар дорам. Агар кадоме аз шумо сафирону паёмварандагонро қатл созад, пас худи ӯ ба қатл расонида хоҳад шуд». Ё дар ҷои дигар мефармоянд: «Ман аҳди худро намешиканам ва сафирону фиристодагонро ҳабс намесозам».

Барои исботи ин гуфтаҳо аз таҷрибаи беназири дипломатии Паёмбари Худо мисол овардан бисёр ба маврид аст. Дар як ҳангом эшон аз ҷониби Мусайламаҳ ал-Каззоб як фиребгаре нома ба унвонии хеш гирифтанд, ки дар он ӯ худро мисли расулуллоҳ – паёмбар эълон карда буд ва аз Муҳаммад талаб мекард, ки инро тасдиқ намояд. Пас дар ин ҳангом Паёмбар аз фиристодагони Мусайламаҳ, ки бо номҳои Абдуллоҳ ибн Ал-Нуваҳ ва ибн Атаал зикр шудаанд, суол кард: «Шумо киро пайравӣ мекунед?» Пас онҳо ҷавоб доданд: «Мо ончиро пайравӣ мекунем, ки ӯ (Мусайламаҳ) ба мо таблиғу тарғиб менамояд». Дар ин ҳол паёмбар гуфт: «Агар қоидае мавҷуд намебуд, ки фиристодагону сафирон бояд кушта нашаванд, онҳоро сар аз тан ҷудо месохтам». Ҳадиси мазкур аз ҷониби Абу Довуд ривоят шуда, ҳарчанд ҳадиси заиф ҳам бошад, аммо шоҳидӣ дода шудааст, ки он дар китоби ҳадисҳои Наим бин Масъуд ал-Ашҷайӣ (487, 488) қайд гардидааст. Ҳадиси мазкур бори дигар исбот месозад, ки маҳз дипломатияи оқилонае, ки Расули Акрам бунёдгузори он буд ба масъалаи масунияти дипломатӣ ва бо ваҷҳи писандида ба сафирон муносибат кардан диққати ҷиддӣ зоҳир намудааст ва натанҳо барои кишварҳои исломӣ, балки барои кулли инсоният намунаи олии ҳимояи сафирону фиристодагон мебошад.

Дар хулоса қайд кардан муҳим аст, ки дини мубини ислом масъалаи вобаста ба масунияти дипломатиро ба беҳтарин васила дар сарчашмаҳои аввалиндараҷаи хеш Қуръон ва суннати Паёмбар ва чи дар сарчашмаҳои дуюминдараҷа Иҷмаъ, Қиёс, Урф, Истеҳсон ва дигарон қайд намудааст ва аз роҳбарони уммати исломӣ қотеона талаб менамояд, ки онро эҳтиром ва риоя созанд.

Тавре дида мешавад, исломи шарқиёна на танҳо тарғибгари арзишҳои ахлоқие чун таҳаммулпазирӣ, ақлгароӣ, хоксорӣ, бовиҷдонӣ мебошад, балки поягузори падидаҳои ҳуқуқии дар замони муосир маъруф, махсусан масуният, яъне дахлнопазири дипломатӣ низ маҳсуб меёбад.






# ИСТИҚЛОЛИ МО

Мардуми шарафманди тоҷик дар тӯли бисту шаш сол ба истиқлолияти фарҳангӣ, сиёсию забонӣ расида, Ваҳдату ягонагии миллиро ба даст овард.

Истиқлолият барои тамоми соҳаҳои ҳаёти имрӯза қувва ва неруи нав бахшида, барои иҷрои барномаҳои бузурги давлатӣ имкон фароҳам меорад ва истиқлоли фарҳангиву мафкуравии миллатро устувор мегардонад. Истиқлоли фарҳангӣ имконият фароҳам меорад, ки миллат дар заминаи тамаддуни худ бақои худро таъмин намояд ва чеҳраи хоси фарҳангии миллатро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ кунад.

Имрӯз миллати тоҷикро тамоми дунё чун миллати бузург эътироф мекунад. Фарзандони ин миллат дар тамоми кишварҳои ҷаҳон дар соҳаҳои гуногун фаъолият мекунанд. Ҳамаи кишварҳои ҷаҳон робитаҳои дӯстӣ, фарҳангӣ ва тиҷоратиашонро бо Ҷумҳурии мо пайвастаанд, ки ин ҳама дастовардҳои бузурги истиқлолият аст. Бузургтарин дастоварди даврони истиқлол ин қабули Конститутсияи ҶТ мебошад, ки мавқеи шахсро дар мадди аввал гузоштааст. Аз чор се ҳисаи меъёрҳои Конститутсия ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст ва маҳз ба ҳамин хотир Конститутсияи мо дар қатори Конститутсияҳои панҷгонаи беҳтарин меистад. Дар асоси ин гуфтаҳо мо метавонем ба пуррагӣ зикр намоем, ки барои инсони комили имрӯза ба ҷуз озодӣ, осудагӣ ҳеҷ чиз хуштару азизтар нест.

Ватан, миллат, истиқлолият мафҳумҳои муқаддасанд ва ба волотарин арзиш наметавон онҳоро иваз кард. Бояд ба сари ҳамаи ин мафҳумҳои муқаддасе, ки ба даст овардем побарҷо ва устувор биистем.

**Кош аз лутфи истиқлоли мо,**
**Боз гардад ғунчаи иқболи мо.**
**Ҳиммати мо он қадар гардад қавӣ,**
**Санги роҳи мо шавад помоли мо.**
**Эй Худованд, зи рӯи марҳамат,**
**Рашки мурғони ҳаво кун боли мо.**
**Сояи раҳмат чу бар мо афканӣ,**
**Рӯз то рӯз беҳ шавад аҳволи мо.**
**Кори мо бе илм бологир нест,**
**Илми мо пайванд бо аъмоли мо.**
**Махзани ишқ асту ҷойи нозу нӯш,**
**Тоҷикистони биҳиштамсоли мо.**

**САНГОВ Ф.**
**магистри факултети ҳуқуқшиносӣ**

# ҶАВОНОН – ҶОНИБДОРИ ҚОНУНИ МИЛЛӢ



Шероз САЛИМЗОДА
донишҷӯи соли 4

Дар доираи қонун танзим намудани масъалаҳои вобаста ба анъана ва ҷашну маросимҳо дар ҶТ аз он шаҳодат медиҳад, ки ба ҳимояи манфиатҳои иҷтимоии халқ равона карда шудааст. Чанде пеш вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ Қонуни ҶТ «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар ҶТ»-ро қабул намуданд. Бояд гуфт, ки лоиҳаи қонуни мазкур бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тибқи пешниҳоду таклифҳои аҳли ҷомеа ба хотири беҳбуд бахшидани шароити иҷтимоии мардум, коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ дар мамлакат таҳия ва пешниҳод гардида буд.

Бо ҳамин мақсад таъмин намудани нуфузи бештари суннатҳои фарҳангиву арзишҳои мардумӣ ва боз ҳам устувор гардонидани пояҳои давлатдории миллӣ бо ташаббуси Пешвои муаззами миллат даҳ сол пеш Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар ҶТ» қабул гардида буд, ки ин санад дар самти ба низому тартиб даровардани маросиму ҷашнҳои миллӣ нақши барҷаста гузошт. Ин масъаларо Пешвои миллат дарк намуда, гуфта буданд: «… то расму оин ва маросими милливу динии худро ба як низоми муайян надарорем ва хароҷоти беҳудаву зиёдатии мардумро аз байн набарем, ба қабулу татбиқи барномаҳои давлатӣ ва сарфи маблағҳои зиёд дар масъалаи паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ ба натиҷаҳои дилхоҳу назаррас ноил шуда наметавонем».

Яке аз сабабҳои қабули қонуни мазкур аз он иборат буд, ки бо пайдо шудани равияҳои мазҳабии дорои хусусияти ифротӣ ва вусъат гирифтани тарғиботи зарарнок тавассути баъзе шабакаҳои интернетӣ дар кишвар зуҳуроти бегонапарастиву тақлид ва хатар ба забону фарҳанг, бахусус, расму ойинҳои миллӣ ва таассубу зиёдаравӣ ҳангоми баргузории як қатор маросиму маъракаҳо ба ҳукми анъана даромада буд. Инчунин, барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва гирифтани пеши роҳи хароҷоти зиёдатӣ ва боз ҳам баланд бардоштани манфиатҳои иқтисодии шаҳрвандон ҳамаҷониба тадбирҳои зарурӣ ба роҳ монда шуда буд.

Бо қабули қонуни мазкур ҳодисаҳои бетартибӣ дар тӯйҳо, то ҳадди содир шудани ҷиноятҳои вазнини авбошӣ ва одамкушӣ, вайрон гардидани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва садамаҳои нақлиётӣ ҳангоми ҳаракати мошинҳои арӯсу домод аз байн рафтанд. Имрӯз бо қаноатмандӣ метавон гуфт, ки бо истифода аз эълон гардидани соли 2017 ҳамчун «Соли ҷавонон» мо ҳуқуқшиносони ҷавон тадбирҳои пешкашгардидаро бо дарки масъулияти зиёд ҷонибдорӣ намуда, баҳри беҳтар сохтани чораҳои мавҷуда ҳиссагузор хоҳем буд. Ҳаминро қайд кардан мумкин аст, ки қабули қонун яке аз иқдомоти муҳимтарин дар самти ҳифзи анъанаҳои мардумӣ буда, боиси ҳалли бисёр мушкилоти ҳаётан муҳимми аҳли ҷомеа гардида, ҷашну маъракаҳо ва расму оинҳоро дар кишвар ба низом даровард. Мувофиқи баъзе аз сарчашмаҳо баъди қабули қонуни мазкур бо дарёфти сарчашмаҳои маблағгузории дохилӣ, аз ҷумла кам намудани хароҷоти нолозим, сатҳи камбизоатӣ дар байни 10 сол аз 53 фоиз ба 30 фоиз расид, яъне 23 фоиз паст карда шуд, ки ин аз амали қонуни мазкур шаҳодат медиҳад. Инчунин, дар даҳ соли амалӣ гардидани қонун беш аз як миллиону чорсад ҳазор маърака ба қайд гирифта шудааст, ки барои баргузории онҳо ба ҳисоби миёна чоруним миллиард сомонӣ харҷ гардида, сарфаи умумӣ аз ҳама намуди маъракаву маросимҳо беш аз 18 миллиард сомониро ташкил кардааст. Яъне ин маблағҳо ба фоидаи мардум ва афзоиши даромади буҷети оилаи онҳо мусоидат намудаанд.




Аз ин рӯ, қонуни мазкур қобили дастгирӣ буда, метавонад барои расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакатамон, яъне таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат намояд.




# КОРРУПСИЯ
## ВА ОҚИБАТҲОИ НОМАТЛУБИ ОН

**Амирҳамза ГУЛОВ**
**донишҷӯи соли 2, ихтисоси идораи давлат ва ҳуқуқ**

Ба ақидаи коршиносон тамоюли номатлуби коррупсия дар амалисозии сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ монеаи ҷиддӣ эҷод намуда, боиси паст шудани сатҳи зиндагии мардум, афзудани азхудкунии маблағҳои давлатӣ, зиёд шудани шумораи бекорон, барканор гардидани мутахассисони баландихтисос ва ҳатто таназзули иқтисодиёт мегардад. Эҳтимол дорад, ки коррупсия заминаи афзудани шумораи шахсони камсаводу бесавод, ба миён омадани ҷомеаи носолим, тағйир ёфтани муҳити ахлоқиву равонӣ ва дар ҷомеа тавсеа ёфтани ҳисси бадбинӣ, қасдгирӣ, ба ҳокимият бовар накардани мардум, коҳиш ёфтани фаъолияти аҳолӣ ва кам гардидани нуфузу эҳтироми мансабдорону давлат гардад.

Омӯзиши назари муҳаққиқон нишон медиҳад, ки мубориза бо коррупсия, яке аз масъалаҳои умдатарини мушкилоти иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта, ҳанӯз аз давраҳои қадим он ҳамқадами ҷомеаи башар буда, то даврони имрӯза ба ҳеҷ думро ба давлат коҳиш дода, пояи давлатдориро заиф мекунад.

Бояд қайд намуд, ки дар давраи солҳои 2007–2011 аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор дар самти мубориза бо коррупсия 4774 ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, аз ҷумла 760 ҷиноятҳои марбут ба порахӯрӣ, тамаъҷӯӣ ва ришвадиҳии тиҷоратӣ, 1339 азхудкунӣ ва исрофкории маблағҳо, 1256 ҷиноятҳои қаллобӣ, 141 саркашӣ аз пардохти гумрук ва андозҳо, 366 ҷиноятҳои суиистифода ба баромадан аз ҳадди ваколати мансабӣ ва дигар ҷиноятҳои коррупсионидошта ошкор карда шуданд.

Ҳукумати Тоҷикистон ба қадри имкон тадбирҳоро андешида истодааст, ки шаҳрвандони ҷумҳурӣ, аз хурд то калон, дар асоси ҳуқуқҳои конститутсионӣ зиндагӣ, кор ва фаъолият намоянд. Аз ин лиҳоз, мутобиқи Кодекси одоби хизматчии давлатӣ, хизматчии давлатӣ бояд фаъолияти касбии худро ҳамон тавр амалӣ намояд, ки ба қобилияти ӯ шубҳа пайдо нашавад, бовиҷдонона ва беғаразона кор карда, ба шаъну шараф ва обрӯю эътибори хизматчии давлатӣ иснод наоварад. Яъне, мансабдорони давлатӣ бояд дар як ҷой ба ҳайси хиз-



як давлати дунё муяссар нашудааст, ки амалҳои коррупсиониро пурра аз байн барад. Вале як қисми давлатҳои ҷаҳон тавонистанд таъсиру нуфузи ин зуҳуроти носолимро то андозае коҳиш диҳад. Аз ҷумла давлатҳое ба амсоли Сингапур, Гонконг, Индонезия, Малайзия, Шветсия, Олмон сатҳи онро то ҳадди имкон коҳиш доданд.

Коррупсия ҳодисаи номатлубест, ки дар рафти он "ғараз", "имконот", "манфиат" ба ҳам бархӯрд доранд ва дар бисёр маврид аз оқибати кирдорҳои коррупсионӣ "ду тараф" яке "ришвадиҳанда" ва дигаре "ришвахӯр" манфиат мебинанд, ҳолати моддии худро беҳтар мекунанд. Аз оқибати ин кирдор давлат, ҳамчун субъекти батанзимдарорандаи муносибатҳо дар ҷомеа ва бар зидди фасод муборизабаранда зарар мебинад, зеро рафторҳои коррупсионӣ эътимоди мар- матчии давлатӣ ба фаъолияти адолатнок машғул гарданд.

Хулоса, коррупсия маънавиётро хароб, ахлоқро коста мегардонад, дар охир инсони ба фасод гирифторшударо аз одитарин хислати инсонӣ: ростгӯӣ, поквиҷдонӣ ва самимият маҳрум карда, ба ҳирси мансабпарастӣ, молпарастӣ, худбинӣ, ҳасудӣ, бахилӣ, дурӯғгӯӣ, фиребгарӣ ва билохир ба ҷоҳилият табдил медиҳанд ва гурӯҳҳои алоҳида аз ин хислатҳои шахси фасодзада истифода карда, онро ҷиҳати амалисозии манфиатҳои ғаразноки худ истифода мебаранд. Коррупсия, ки аз манфиат маншаъ мегирад, метавонад падарро аз писар, модарро аз духтар, бародарро аз бародар, дӯстро аз дӯст ҷудо карда, билохир ба душман табдил диҳад ва заминаи ба мушкилот мувоҷеҳ гардидани тарафҳоро дар ҷомеа гузорад.

### ЭЪТИБОР НАДОРАД:

Дафтарчаи имтиҳонии донишҷӯи курси 5-и ихтисоси фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Юлдошев Хушқадам Сафарбоевич бо сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

****

Дафтарчаи имтиҳонии донишҷӯи курси 5-и ихтисоси фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Ҳикматзода Амриддин бо сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.

****

Билети донишҷӯии донишҷӯи курси 4-и шуъбаи умумии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Раҳимов Диловар Қосимович бо сабаби гум шуданаш аз эътибор соқит дониста шавад.



**Фаридун БОБОХОНОВ**
**донишҷӯи соли 4 (МБҲ)**

# ХОҲӢ, КИ ОЗОД БОШӢ, ҒУЛОМИ ҚОНУН БОШ!

**Озодии инсон ба сад мазмун аст,**
**Озод касест, ки бандаи қонун аст.**

Қонун сарчашмаи ҳастӣ ва бунёди ҷомеаи адолатпарвар барои ҳар як халқу миллат мебошад. Танҳо қонун метавонад, ки ҷомеаро аз содир шудани кирдорҳои бад нигоҳ дошта, сади роҳи ҷинояткориро гирад. Ҳар як шаҳрванд ва давлат аз рӯи талаботи худ ба қонун эҳтиёҷ дорад. Ин талабот асосан дар он ифода меёбад, ки қонун танзимкунандаи рафторҳои ҷамъиятию давлатӣ буда, барои ҷой доштани адлу адолат дар мамлакат замина фароҳам меоварад.

Дар ин хусус мутафаккирону файласуфони бузург, ақидаҳои мухталифу муҳимми худро пешниҳод намудаанд. Ҳанӯз, файласуф ва сиёсатшиноси Юнони Қадим Афлотун дар хусуси шаҳрвандону қонун чунин гуфта буд: «Ман фанои давлатеро мебинам, ки дар он қонун қувва надорад ва зери ҳокимияти кадомест. Он ҷое, ки қонун фармонфармои ҳокимон аст ва онҳо ғуломи қонунанд, ман наҷоти давлат ва ҳама гуна хайру саховатро мебинам…».

Аз ақидаҳои Афлотун бармеояд, ки дар давлат қонун бояд, аз болои тамоми шаҳрвандон, хусусан ҳокимону мансабдорон ҳукмфармоӣ намояд ва онҳо бояд ғуломи қонун бошанд.

Мутафаккир ва олими барҷаста Арасту низ дар ин хусус фикру ақидаи худро чунин баён намудааст: "Қонун бояд ба ҳама ҳукмронӣ намояд, на ин ки ба як қисми мардум". Ин ақидаи Арасту маънои онро дорад, ки дар бобати итоати қонун шаҳрвандон (хусусан, табақаи поёнии ҷамъият) аз мансабдорону ҳокимон ҷудо нашуда, балки ҳама баробар итоаткунандаи қонун бошанд. Аммо як нуктаро хотирнишон бояд кард, ки итоат накардани меъёрҳои қонун (яъне қонуншиканӣ) аз замонҳои қадим вуҷуд дошт ва ҳоло ҳам вуҷуд дорад. Асосан қонуншикании хурдон аз бузургон вобаста аст. Вақте ки бузургон худ қонуншиканӣ мекунанд, дар ин ҳол пеши роҳи хурдонро гирифтан ғайриимкон аст. Фарз кардем, ки агар як шахси мансабдори давлатӣ мардумро ба иҷроиши қонун даъват намояд, вале худ нахустин шуда, талаботи қонунро вайрон кунад, албата, ин бешак ба шуури ҷомеа таъсири манфии худро мерасонад. Яъне, қонун пеш аз он ки аз ҷониби шаҳрвандон риоя гардад, нахуст бояд аз ҷониби худи қонунқабулкунандагон риоя карда шавад.

ҶТ давлати демократӣ мебошад. Яъне, дар он ҳокимият аз они халқ буда, халқ дар аксари корҳои давлатӣ бевосита (дар интихоботу раъйпурсӣ) ва бавосита (тавассути вакилони худ) иштирок менамояд. Аз ин бармеояд, ки шаҳрвандон тавассути вакилони интихобнамудаи худ, дар эҷоди қонун ширкат меварзанд. Пас саволе ба миён меояд, ки чаро, шаҳрвандон имрӯз қонунҳои қабулнамудаи худро (вакилони худро) риоя накарда, ба шикасти дағалонаи он роҳ медиҳанд? Оё магар онҳо аз оқибати чунин қонуншиканӣ бехабаранд? Аз ҳама муҳим, чӣ гуна метавон пеши роҳи чунин қонуншиканиҳоро гирифт? Инҳо саволҳое мебошанд, ки ҷавобҳои худро металабанд.

Моро зарур аст, ки ба баробарию адолатпарвариро нигоҳ дошта, сатҳи қонуншиканиро то дараҷае фурӯ нишонем. Мо танҳо дар ҳоли пурра аз мазмуни қонун огоҳ шудан ва дар муқоиса бо ҳаққу ҳуқуқ метавонем ғуломи қонун гардем.

Дар ҶТ шаҳрвандон ва давлат одатан миёни ҳам масъулият доранд. Масъулияти онҳо дар он ифода меёбад, ки давлат ба ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон эҳтиром гузошта, шаҳрвандон дар навбати худ талаботи давлат (қонунҳои давлат)-ро риоя ва иҷро менамоянд. Аммо дар маҷмӯъ онҳо ҳар ду тобеи қонун мебошанд. Асосан тобеият ба қонун мафҳуми "қонуният"-ро ташкил медиҳад, ки мазмуни он дар банди 2-и моддаи 10-и Конститутсияи ҶТ чунин омадааст: "Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд."

Ҷомеаи муосир ҳаматарафа тараққӣ карда истодааст. Аз ин рӯ, қонуншиканиҳо низ бояд дар ҷамъият бартараф шаванд. Имрӯз ҳар як шахси ватанпарварро зарур меояд, ки ба баҳри мавҷудияти адолат ва бартараф намудани қонуншиканиҳо кӯшишҳои худро ба харҷ диҳад ва хулласи калом чунин гуфтаниам: БИЁЕД ҒУЛОМИ ҚОНУН БОШЕМ!.

# ПОЯНДА БОД ИСТИҚЛОЛИ ТОҶИК!



Миралӣ СОБИРОВ
донишҷӯи соли 5

**Агар ба таърих назар афканем миллати тоҷик гузаштаи бою куҳан дорад. Дар тӯли таърих миллати тоҷик борҳо зери ҳамлаҳои бегонагон қарор гирифта, мустақилият ва ё истиқлолияти худро аз даст дод ва бо мурури замон боз соҳиби он гардид. Миллати мо гарчанде давраҳои сахту сангинеро аз сар гузаронида бошад, вале фарҳанг, илму адабиёт ва аз ҳама муҳимаш забони модарии худро гум накард, ки ин шаҳодат аз бузургии миллати тоҷик аст.**

Барои дубора бунёд намудани давлатдории тоҷикон ва ташкили давлати воқеан миллӣ 24 августи соли 1990 дар Иҷлосияи дуюми Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон бори аввал Эъломияи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ қабул гардид, ки ин зинаи асосӣ барои поягузории давлати навини тоҷикон гардид. **Моддаи аввали он эълон намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати мустақили демократии ҳуқуқбунёд мебошад. Аммо ин ҳуҷҷат пурра ва ҳаматарафа таъмингари истиқлолияти ҶТ шуда наметавонист. Аз ҳамин сабаб, соли 1991 дар шаҳри Душанбе Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват карда шуд ва 9-уми сентябри соли 1991 вакилони Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии ҶТ даъвати дувоздаҳум ҳуҷҷати сарнавиштсоз, яъне «Изҳорот дар бораи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул намуданд ва ана ҳамин ҳуҷҷат истиқлолияти комили Тоҷикистонро ба ҳамагон муаррифӣ кард. Имрӯз боиси хушбахтӣ ва сарфарозии мост, ки 26 сол муқаддам муҳимтарин воқеаи таърихӣ, яъне Истиқлолияти давлатии ҶТ ба даст омад. Аз ҳамон вақт то имрӯз ин сана ҳамчун иди расмӣ ҷашн гирифта мешавад.**

Истиқлолият маънои мустақил будани давлатро нишон медиҳад. Соҳибистиқлол будан ин гувоҳи он аст, ки ҳеҷ кас наметавонад ба корҳои дохиливу хориҷии давлат дахолат намояд. Дар ҷомеаи имрӯза давлати соҳибистиқлол будан ин неъмати бебаҳост, чунки истиқлолият ин пеш аз ҳама ҳифзи давлат, пешрафти давлат ва боигарии давлат мебошад.

**Пас аз соҳибистиқлол шудани миллати тоҷик пешрафти давлати тоҷикон тамоман ранги дигар гирифт. Истиқлолият ба мо дастовардҳои зиёде дод. Истиқлолият ба мо озодӣ овард, ба мо ободию пешрафт ва якдилию баробарҳуқуқӣ ато кард, инчунин дар ин давра мо соҳиби рамзҳои давлатӣ Нишон, Парчам ва Суруди миллӣ гаштем ва ҳамаи ин неъматҳо имрӯз давлати моро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ менамоянд. Истиқлолият ин симои миллат ва муаррифгари давлат дар арсаи ҷаҳонӣ мебошад. Дар ин давра Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ мақому манзалати хос пайдо намуд.**



Ҷумҳурии Тоҷикистон 6-уми ноябри соли 1994 Конститутсияи худро қабул намуд, дар ин давра Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид, ки ин ҳама бо шарофати истиқлолият ба мо мушарраф гардидааст. Мо ифтихор аз он дорем, ки Истиқлолияти давлати моро дигар давлатҳо пазируфтаанд.

**Хулоса, истиқлолият барои мо имконият фароҳам овард то ки мо роҳи имрӯзуояндаи миллати худ ва пешрафти давлати азизамонро ба сӯи ҷомеаи соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона интихоб намоем.**

**Поянда бод истиқлоли тоҷик!**

# КӮДАКОН – ОЯНДАИ ҶОМЕА



Тоҷинисо Азиззода
донишҷӯи соли 2

**Буттахорам меваам
ширингари комҳо бувад,
Гар ҳасуд дастидарозиҳо
кунад нешаш занам.
Шамъро дидам ки ашки
ӯ ба поён ҷорӣ буд,
Ашкҳои рехтаи ӯ
такягоҳаш гаштаанд.**

Яке аз омилҳои муҳимми пешрафти ҷомеа тарбияи дурусти фарзанд ба шумор меравад. Дар ин амри хайр нақши оила ҳамчун ниҳоди боэътимод ниҳоят муҳим мебошад.

**Устод Садриддини Айнӣ низ дар аввали асри XX оилаи солимро асоси хушбахтии хонадон ва макони тарбияи атфол эълон намуда буд.**

Аз қадим тарбияи фарзанди солим, некирадаву солеҳ ва ватандӯст дар таърихи фарҳанги халқи тоҷик яке аз вазифаҳои муқаддаси оила ва ҷамъият ба шумор меравад. **Падари таърих Ҳеродот асрори бузурги мардуми ориёиро ҷустуҷӯ намуда, омили асосиро дар анъанаи неки тарбияи фарзанд ва муҳаббат ба Ватан дидааст. Бино ба иттилои Ҳеродот мардуми ориёӣ чунин одат доштаанд, ки ба писарони аз 5 то 20-солаи худ се илмро пайваста меомӯзониданд: якум, аспсавориро ба хотири тарбияи ҷисмонӣ ва чусту чолок будани фарзанд, дуюм, тирандозӣ ё камонвариро ба хотири дифои Ватан ва ниҳоят, танҳо сухани ҳақ гуфтан, яъне рост гуфтанро барои тарбияи ахлоқӣ ва маънавӣ гирифтан.**



Мо ҳамарӯза шоҳиди онем, ки кӯдакони ноболиғ даст ба талбандангӣ мезананд, ки ба синну солашон мувофиқ нест. Дунболи роҳгузарон медаванд, ҷузвдонҳои онҳоро дошта, то як масофае дунболи онҳо мераванд. **Албатта ин оқибати хуб надорад, зеро ин ба шуур ва тафаккури кӯдак таъсири манфӣ гузошта, оянда онҳоро бо роҳи ҷинояту ҷиноятӣкорӣ мебарад. Ин таъсирашро на танҳо ба ноболиғ, балки ба ҷомеаву давлат низ мерасонад. Ҳарчанд дар ҶТ дар бораи ҳуқуқҳои кӯдакон қонунҳо қабул шудааст ва кишвари мо Конвенсияи оид ба ҳуқуқҳои кӯдакро эътироф кардааст, аммо беназоратии кӯдакон аз ҷониби волидон ҳанӯз ҷой дорад.**